*Конститутсия - кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун*

# Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | №150 (2977) | ДУШАНБЕ, 10 ДЕКАБРИ СОЛИ 2012 | Соли бисту дуюми нашр | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад

## Сафари корӣ ба шаҳри Женеваи Конфедератсияи Швейтсария

**8 декабри соли 2012 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати иштирок дар ҷаласаи Шӯрои генералии Созмони Умумиҷаҳонии Савдо оид ба масъалаи дохилшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба он ба шаҳри Женеваи Конфедератсияи Швейтсария сафар кард.**

Дар фурудгоҳи байналмилалии пойтахт Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмонро Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадсаид Убайдуллоев, Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Шукурҷон Зуҳуров, Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон Оқил Оқилов, Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Бахтиёр Худоёров ва дигар шахсони расмӣ гусел намуданд.

Дар ин сафар Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмонро муовини аввали Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон Матлубхон Давлатов, Мушовири давлатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба сиёсати хориҷӣ Эркин Раҳматуллоев, вазири рушди иқтисод ва савдо Шариф Раҳимзода, раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба энергетика, саноат, сохтмон ва коммуникатсия Амир Катаев ва дигар шахсони расмӣ ҳамроҳӣ мекунанд.

***

**Нимаи дуюми рӯзи 8 декабри соли 2012 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмонро дар фурудгоҳи байналмилалии Женева муовини намояндаи доимии Швейтсария дар назди шуъбаи Созмони Милали Муттаҳид дар Женева Амадео Перез ва дигар шахсони расмӣ самимона пешвоз гирифтанд.**

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри Женеваи Конфедератсияи Швейтсария дар ҷаласаи Шӯрои генералии Созмони Умумиҷаҳонии Савдо оид ба масъалаи дохилшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба он иштирок ва суханронӣ менамояд.

Қобили зикр аст, ки дар маросими шомил шудани Ҷумҳурии Тоҷикистон ба узвияти Созмони Умумиҷаҳонии Савдо намояндагон аз тамоми кишварҳои аъзо, давлатҳои нозир ва ташкилоту созмонҳои байналмилалӣ ширкат менамоянд.

Ёдовар мешавем, ки то имрӯз 157 кишвари ҷаҳон аъзои Созмони Умумиҷаҳонии Савдо мебошанд ва бо шомил шудани Ҷумҳурии Тоҷикистон шумораи давлатҳои аъзои созмон ба 158 адад мерасад, ки саҳми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон барои шомил шудани Ҷумҳурии Тоҷикистон ба созмони мазкур шоиста мебошад.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо назардошти зарурат ва моҳияти узвият дар ин созмон, соли 2001 ба Котиботи Созмони Умумиҷаҳонии Савдо мактуби дархостиро оид ба аъзо шудан ба Созмони Умумиҷаҳонии Савдо ирсол намуд ва Шӯрои генералии Созмони Умумиҷаҳонии Савдо дар ҷаласаи худ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон мақоми кишвари нозирро пешниҳод намуд ва Гурӯҳи корӣ оид ба баррасии масъалаи дохилшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Созмони Умумиҷаҳонии Савдо таъсис дода шуд. Аз соли 2001 то ба имрӯз Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун кишвари нозир дар ҷаласаҳои Шӯрои генералии созмони мазкур иштироки фаъолона дошт.

Рӯйдоди таърихӣ – маросими дохилшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Созмони Умумиҷаҳонии Савдо 10 декабри соли равон дар қароргоҳи Созмони Умумиҷаҳонии Савдо дар шаҳри Женева баргузор мегардад.

Дар назар аст, ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар доираи баргузории ҷаласаи Шӯро бо директори генералии Созмони Умумиҷаҳонии Савдо Паскал Лами мулоқоти хоса анҷом медиҳад.

***www.prezident.tj***

## Дар бораи Иҷлосияи дувоздаҳуми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорум

Иҷлосияи дувоздаҳуми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорум 13 декабри соли 2012 соати $9^{00}$ дар толори маҷлисгоҳи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор мегардад.

Аъзои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 11-12 декабри соли 2012 аз соати $8^{00}$ то соати $17^{00}$ дар бинои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ошёнаи дуюм, утоқи №231 ба қайд гирифта мешаванд. Телефонҳо: 221-81-28, 227-18-98.



Суратгир А. ИСОЕВ

## Дар Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**10 декабри соли 2012 таҳти раёсати Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Шукурҷон Зуҳуров ҷаласаи Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид.**

Доир ба тасдиқи рӯзномаи ҷаласаи навбатии Шӯро қарор қабул шуд.

Муовини раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба сохтори давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ Г. Рабиева масъалаҳои нахустини рӯзнома - «Оид ба лоиҳаи Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тартиби ҳалли масъалаҳои сохти марзиву маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи лоиҳаи Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «Дар бораи лоиҳаи Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ», раисони кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба тартиботи ҳуқуқӣ, мудофиа ва амният А. Азимов масъала - «Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи силоҳ», оид ба иқтисод ва молия С. Раҷабов масъалаҳои зерини рӯзнома - «Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттифоқҳои қарзӣ», «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2012» ва «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон», оид ба корҳои байналмилалӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва иттилоот О. Салимзода масъала - «Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи матбуоти даврӣ ва дигар воситаҳои ахбори омма», оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ, оила ва ҳифзи саломатӣ Х. Юсуфӣ масъала - «Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила» -ро ба баррасии аъзои Шӯро пешниҳод намуданд.

Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо дарназардошти пешниҳоду эрод ва фикру мулоҳизаҳои баёнгардида, аз рӯйи масъалаҳои мазкур қарорҳои алоҳида қабул кард. Тибқи муқаррароти ин қарорҳо масъалаҳои номбурда ҷиҳати баррасӣ ба ҷаласаи Иҷлосияи чоруми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорум пешниҳод шуданд.

Доир ба масъалаҳои зерини рӯзнома - «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳунарҳои бадеии халқӣ», «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сарватҳои зеризаминӣ», «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият», «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ветеранҳо», «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи металлҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо», «Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи кооперативҳо», «Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи ҳатмии нафақавӣ» ва «Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (қисми якум)» қарорҳои Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тарви алоҳида қабул гардида, масъалаҳои мазкур барои додани хулоса ба кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва барои гузаронидани экспертизаи ҳуқуқӣ ба шуъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон супорида шуданд.

Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба масъалаҳои охирини рӯзнома – «Дар бораи даъват кардани ҷаласаи навбатии Иҷлосияи чоруми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорум» ва «Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзномаи ҷаласаи навбатии Иҷлосияи чоруми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорум» таври алоҳида қарорҳо қабул кард.

Дар ҷаласаи Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчунин масоили марбути фаъолияти Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор гирифтанд.

***Ҷумъахон НАБОТОВ, «Садои мардум»***

### • Иҷлосияи чоруми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорум



## Ҳуҷҷатгузории гумрукӣ содда гардонида мешавад

**7 декабри соли 2012 таҳти раёсати Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Шукурҷон Зуҳуров ҷаласаи навбатии Иҷлосияи чоруми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорум баргузор шуд.**

Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба рӯзномаи ҷаласаи навбатӣ бо дарбаргирии масъалаҳои зерин қабул гардид:

**1.Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

**2.Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нафақаи суғуртавӣ ва давлатӣ».**

**РАИС:**-Ба муҳокимаи масъалаҳои рӯзнома шуруъ менамоем. Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон» сухан ба муовини аввали сардори Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳматов Неъмат Сангинович дода мешавад.



**Неъмат РАҲМАТОВ:- Мухтарам Раис, Раёсат, вакилони гиромӣ!**

Ба баррасии шумо лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон» пешниҳод карда мешавад.

Лоиҳаи қонуни мазкур бо мақсади таъмини иҷрои дастуру супоришҳое, ки аз Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеоянд, таҳия гардида, масъалаҳои кам кардани миқдори ҳуҷҷатҳои барои барасмиятдарории гумрукӣ пешниҳодшаванда, ҳамоҳанг сохтани муқаррароти Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон ба меъёрҳои Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав ва аз байн бурдани номувофиқатии Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон ба меъёрҳои қонунгузории амалкунанда дар мавриди муайян намудани синни ниҳойии нафақаи кормандони мақомоти гумрукро фаро мегирад.

Тағйиру иловаҳо, тибқи ин лоиҳаи қонун, 12 моддаи Кодекси гумрукро дар бар гирифтааст. Дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 апрели соли 2012 бо мақсади такмили маъмурикунонии соҳаи гумрук, соддагардонии расмиёти гумрукӣ ва дар ин замина мусоидат намудан ба рушди фаъолияти иқтисоди хориҷӣ, дар хусуси кам кардани миқдори ҳуҷҷатҳои барои барасмиятдарории гумрукӣ то 30 фоиз таъкид шуда буд. Ҷиҳати таъмини иҷрои ин супориш ба моддаи 131 Кодекси гумрук тағйиру иловаҳои дахлдор ворид карда шудааст, ки ҳаддалимкон теъдоди ҳуҷҷатҳои ҳангоми барасмиятдарории гумрукӣ пешниҳодшавандаро кам карда, барои соддагардонии он заминаи мусоид фароҳам меорад. Теъдоди ҳуҷҷатҳои ҳангоми барасмиятдарории гумрукӣ зарурӣ, ки айни замон аз даҳ номгуй иборат мебошанд, тибқи ин лоиҳаи қонун то панҷ номгуй кам карда мешаванд.

Ҳамзамон ба моддаи 10, ки мафҳумҳои асосӣ ном дорад, мафҳуми нав- «мамнуияту маҳдудиятҳо» дохил карда шуд, ки он чораҳои ҳимояи манфиати иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар савдои хориҷӣ, аз ҷумла системаи чораҳои назорати содирот, тасдиқи мутобиқат ба стандартҳо ва талабот оид ба бехатарии молро, ки мутобиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва ё санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар гардидаанд, ифода менамояд.

**(Идома дар саҳ. 2)**

### • Дар Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон



Суратгир А. ИСОЕВ

## ТАҒЙИРУ ИЛОВАҲО БА КОДЕКСИ ГУМРУК БА МАНФИАТИ СОҲИБКОРИСТ

**Ҳаштуми декабри соли равон таҳти раёсати Бахтиёр Худоёров-раиси Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таъмини асосҳои конститутсионӣ, ҳуқуқу озодиҳои инсон, шаҳрванд ва қонуният ҷаласа баргузор шуд.**

Раиси Кумита зимни сухани ифтитоҳиаш иброз дошт, ки ба рӯзномаи ҷаласа Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нафакаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ» ворид шудаанд.

Аъзои Кумита доир ба масъалаҳои мавриди баррасӣ андешаҳои хешро иброз доштанд.

Дар анҷоми ҷаласа вобаста ба масъалаҳои рӯзнома дар алоҳидагӣ хулосаҳои Кумита ба Иҷлосияи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардид.

***Далер МЕРГАНОВ, «Садои мардум»***

# Ҳуҷҷатгузории гумрукӣ содда гардонида мешавад

(Идома аз саҳ. 1)

Дар баробари ин, бо мақсади таъмини якрангии мафҳумҳои дар Кодекс дарҷгардида, мутаносибан ба моддаҳои 80, 149 ва 314 тағйиру иловаҳо ворид карда шуда, калимаҳои «иҷозатномаҳо», «сертификатҳо» ва «рухсатномаҳо» бо калимаҳои «ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи риояи маҳдудиятҳо ва мамнуиятҳо» иваз карда шудаанд.

Бо мақсади ҳамоҳанг сохтани меъёрҳои Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон ба талаботи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав, масъалаи пешниҳоди имтиёзҳо ҳангоми воридоти мол ба қаламрави гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар моддаи 345 Кодекси гумрук дар таҳрири нав, мутобиқ ба моддаи 169 Кодекси андоз, ифода карда шудааст. Ин иқдом низ дар доираи Нақшаи чорабиниҳо оид ба иҷрои вазифаҳое, ки дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 апрели соли 2012 зикр гардидаанд, ба амал бароварда шуда, барои озод намудани воридоти тамоми номгуйи таҷҳизоти технологии ҳозиразамон аз ҳамаи намудҳои андоз ва боҷҳои гумрукӣ заминаи мусоид фароҳам меорад.

Ба моддаи 488 Кодекси гумрук, ки асосҳои қатъ кардани хизматро дар мақомоти гумрук муқаррар менамояд, тағйирот ворид карда шуда, банди дуюми моддаи мазкур ҷиҳати мутобиқ сохтани меъёрҳои он ба қонунгузории амалкунанда дар таҳрири нав ифода карда шудааст.

Бо мақсади муқаррар намудани маҳдудиятҳо вобаста ба синну сол ҳангоми адои хизмат дар мақомоти гумрук, ба Кодекси гумрук моддаи нав 5001 илова карда шудааст, ки он вобаста ба вазъи ҳуқуқии кормандони мақомоти гумрук ва хусусиятҳои хоси адои хизмат синни ниҳоии ба нафақа баромадани кормандонро муайян менамояд.

Тағйиру иловаи мазкур бо мақсади дар як сатҳи баробар қарор додани вазъи ҳуқуқии кормандони мақомоти гумрук бо дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ба амал бароварда шудааст.

Моддаи дигари иловашудаи $500^2$ тартиб ва андозаи пардохти кӯмакпулии яквақтаро ҳангоми ҷавоб шудан аз хизмат дар мақомоти гумрук ва баромадан ба нафақа муайян менамояд, ки он бо назардошти талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи вазъи ҳуқуқии хизматчиёни ҳарбӣ» таҳия гардидааст.

Бояд зикр кард, ки тағйиру иловаҳои пешниҳодшуда ба талаботи қонунгузории амалкунанда ҷавобгӯ буда, шароити боз ҳам мусоидро барои рушди фаъолияти иқтисоди хориҷии кишвар ва такмили маъмурикунонии гумрук муҳайё месозад.

Вакилони муҳтарам, аз шумо эҳтиромона хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи қонуни мазкурро дастгирӣ намоед.

**РАИС:**-Аз рӯйи ин масъала сухан ба раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисод ва молия Раҷабов Сафаралӣ Худоёрович дода мешавад.

**Сафаралӣ РАҶАБОВ:- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилон ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шуда, бо Қарори Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 декабри соли 2012 таҳти №1557 барои хулоса ба Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисод ва молия, кумитаҳои дигари Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва барои додани хулосаи ҳуқуқӣ ба шуъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон супорида шуда буд.

Лоиҳаи қонуни мазкур бо мақсади:

-кам кардани теъдоди ҳуҷҷатҳое, ки ҳангоми барасмиятдарории гумрукӣ пешниҳод мегарданд;

-мутобиқ намудани талаботи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав бо Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон;

-мутобиқ намудани талаботи Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дигар қонунгузории амалкунанда, ки синни ниҳоии ба нафақа баромаданро муайян менамояд;

-ҳамзамон мутобиқ гардондани пардохти кӯмакпулии яквақта барои кормандони гумрук ба пардохти кӯмакпулии яквақта, ки ба хизматчиёни ҳарбӣ муайян карда шудааст, таҳия шудааст.



Тағйиру иловаҳое, ки ба қисми 5 моддаи 131 Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид карда мешаванд, теъдоди ҳуҷҷатҳоро, ки ҳангоми барасмиятдарории гумрукӣ пешниҳод мегарданд, то 30 фоиз кам менамоянд.

Бандҳои моддаи 345 Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади мутобиқ намудан ба талаботи моддаи 169 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав пешниҳод карда шудааст.

Дар лоиҳаи қонуни мазкур банди 2) моддаи 488 Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади дар як сатҳ қарор додани вазъи ҳуқуқии кормандони мақомоти гумрукӣ бо кормандони дигар мақомотҳо, аз ҷумла мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки синни ниҳоии ба нафақа баромаданро муайян менамоянд, дар таҳияи нав пешниҳод карда мешавад.

Дар моддаи $500^2$ лоиҳаи қонун бошад, кӯмакпулии яквақтаи кормандони мақомоти гумрук бо кӯмакпулии яквақтае, ки ба хизматчиёни ҳарбӣ тибқи қисми 3 моддаи 21 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи вазъи ҳуқуқии хизматчиёни ҳарбӣ» муайян карда шудааст, мутобиқ гардонида шудааст.

Қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба талаботи қонунгузории амалкунанда ҷавобгӯ буда, шароити боз ҳам мусоидро барои рушду таҳкими минбаъдаи кишвар ва мақомоти гумрук муҳайё месозад.

Лоиҳаи қонунро ҳамаи кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шуъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар маҷмуъ ҷонибдорӣ намуда, 15 таклифу дархост пешниҳод намуданд, ки аз онҳо 10-тоаш қабул ва 5-тоаш қабул нашуд.

Ҳамзамон бо пешниҳоди Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Шукурҷон Зуҳуров ҷумлаи сеюми банди 8 қисми 5 моддаи 131 ва номи моддаи $500^2$ аз нав таҳрир карда шуд. Таклифҳои қабулшуда дар мувофиқа бо субъекти ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ ба лоиҳаи қонун ворид карда шуданд, ки лоиҳаи қонуни мазкурро боз ҳам мукаммалтар гардониданд.

Лоиҳаи қонуни мазкур ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат надорад.

Аз шумо, вакилони муҳтарам, эҳтиромона хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи қонуни мазкурро ҷонибдорӣ намуда, ба тарафдории он овоз диҳед.

**Маҳмадшариф ҲАҚДОДОВ:** - Дар банди 10 моддаи 445 лоиҳаи қонуни мазкур чунин омадааст: «воридоти нахи пахта ва алюминийи аввалия». Оё зарурати ба ҷумҳурӣ ворид намудани ин намуди маҳсулот вуҷуд дорад?

**Неъмат РАҲМАТОВ:** - Ворид намудани маҳсулоти ашёи хом дар таҷрибаи аксари давлатҳо дида мешавад. Мақсади ворид намудани тағйироти мазкур аз он иборат аст, ки дар ин замина истеҳсолоти ватанӣ рушд ёбад.

**Шодӣ ШАБДОЛОВ:** - Вобаста ба тағйиру иловаҳо ба моддаи 435 лоиҳаи қонуни мазкур чанд савол дорам. Дар банди якум чунин омадааст: «воридоти пули миллӣ ва (ё) асъори хориҷӣ (ба ғайр аз мақсадҳои нумизматӣ), инчунин коғазҳои қиматнок».

Дар банди панҷум воридоти дорувории тиббӣ, таҷҳизоти тиббӣ, фармасевтӣ ва асбобҳои тиббӣ нишон дода шудааст. Агар ин доруворӣ ба шифохонаҳо ё дармонгоҳҳо дода шаванд, мушкилӣ надорад. Аммо дар сурати ворид намудани тамоми намуди доруворӣ чӣ гуна аз пардохти гумрукӣ озод карда мешаванд? Баъдан саволи ман ба бандҳои ҳафтум (оид ба воридӣ мол барои сохтмони объектҳои махсусан муҳим) ва даҳум (воридоти нахи пахта ва алюминийи аввалия) дахл дорад. Аз ҷумҳурӣ нахи пахта ва алюминийи аввалия содирот мешаванд. Чаро воридоти ин навъи маҳсулот аз пардохти боҷи гумрукӣ озод мешаванд?

**Неъмат РАҲМАТОВ:** -Воридоти пули миллӣ ва асъори хориҷӣ масъалае мебошад, ки ба озод кардани боҷи гумрукии пули миллии дар гардишбуда иртибот дорад. Аммо он пуле, ки ба мақсадҳои нумизматӣ ворид мешавад, чунин имтиёзҳоро надорад. Воридоти доруворӣи тиббӣ низ дорои чунин имтиёзҳо мебошад.

Воридоти мол барои сохтмони объектҳои махсусан муҳим, ба мисли неругоҳҳои барқи обӣ, дигар объектҳои аҳамияти стратегидошта низ аз пардохти боҷи гумрукӣ озод мебошанд. Номгуйи чунин объектҳоро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд.

Дар ҷумҳурӣ чандин корхонаҳои истеҳсолӣ сохта мешаванд, ки ба ҳамин навъи ашёи хом, яъне нахи пахта ва алюминийи аввалия ниёз доранд. Ин имкон медиҳад, ки оянда иқтидори содиротии ҷумҳурӣ баланд бардошта шавад.

**Ҷумъа ДАВЛАТОВ:** - Мушовири давлатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба сиёсати ҳуқуқӣ – намояндаи комилҳуқуқи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон: - Воридоти доруворӣи тиббӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ғайридавлатӣ кунонда шудааст. Номгуйи чунин доруворӣи тиббӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад. Аз боҷи гумрукӣ озод намудан бо мақсади ба мардум бо нархи арзон дастрас гардидани доруворӣи тиббӣ мебошад. Илова бар ин, кишварҳои ба мо ҳамсоя чунин тартибро амалӣ карда истодаанд. Минбаъд низ дар назар дошта шудааст, ки тамоми доруворӣи тиббӣ аз андозбандӣ озод карда мешаванд.

Ҳамаи ин тағйироту иловаҳои воридшуда ба қабул гаштани Кодекси нави андози Ҷумҳурии Тоҷикистон вобастагӣ доранд.

*Лоиҳаи қонун ба овоз монда, қонун қабул шуд. Вобаста бо қабул гаштани қонун Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардид.*

**РАИС:** - Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нафақаи суғуртавӣ ва давлатӣ» сухан ба вазири меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадаминов Маҳмадамин Бозичаевич дода мешавад.

**Маҳмадамин МАҲМАДАМИНОВ: - Муҳтарам Шукурҷон Зуҳурович, Раёсат ва вакилони гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ» бо мақсади мутобиқ намудани баъзе меъёрҳо ва талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ» ба имкониятҳои молиявии имрӯзаи буҷети давлатӣ, барои монеа нагардидани татбиқи он ва ҳамзамон ислоҳоти низоми таъминоти нафақа дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 январи соли 2013 таҳия гардидааст.

Масъалаҳои асосие, ки мувофиқи муқаррароти лоиҳаи қонуни мазкур таҷдиди назар шудаанд, ин тағйир додани таркиби нафақаҳои суғуртавӣ, яъне хориҷ намудани қисми заминавӣ ва ҳамчун нишондиҳанда барои ҳисоби камтарини нафақаҳои суғуртавию давлатӣ ва иловапулиҳои пешбинишуда, муқаррар намудани нафақаи заминавӣ, фароҳам овардани заминаи ҳуқуқӣ ҷиҳати таъмини нафақа барои хизмати шоён дар назди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шакли илова ба нафақаҳои суғуртавӣ, аз байн бардоштани як намуди нафақаи давлатӣ, яъне нафақа барои хизмати дарозмуддат ба хизматчиёни давлатӣ, вобаста аз тағйир ёфтани мафҳум ва моҳияти нафақаи заминавӣ аз нав дида баромадани андозаи нафақаҳои иҷтимоӣ ва иловапулиҳо, вобаста аз дараҷаи аз даст додани қобилияти меҳнатӣ муқаррар намудани масъалаи таъини нафақаи иҷтимоӣ аз рӯйи маъюбӣ ба хизматчиёни ҳарбии даъватӣ ва вобаста аз нишондиҳандаҳои демографӣ кам кардани давраи пардохти эҳтимолии нафақа махсуб меёбанд.



Дигар муқаррароти лоиҳаи қонун асосан мутобиқсозии матни русии қонун ба матни тоҷикии он ва дуруст истифода намудани мафҳумҳои соҳавиро дар бар мегирад.

Бо қабули лоиҳаи қонуни мазкур таркиби нафақаҳои суғуртавӣ аз ду қисм-суғуртавӣ ва захиравӣ иборат хоҳад шуд ва дар баробари ин, фарқияти маблағи нафақаи аз рӯйи саҳмҳои суғуртавии шаҳрванд ҳисобшуда ва андозаи камтарини муайяншуда (дар сурати кам буданаш), яъне нафақаи заминавӣ, ки 105 сомонӣ муқаррар гардидааст, фарқияти ин маблағ аз ҳисоби буҷети давлатӣ таъмин хоҳад шуд.

Ҳамчунин вобаста аз тағйири мафҳум ва моҳияти нафақаи заминавӣ дар лоиҳаи қонун барои ҳамаи намудҳои нафақаҳои суғуртавӣ дар ҳамаи ҳолатҳо андозаи ҳадди ақал пешбинӣ карда шуд. Дар ин робита андозаи нафақаҳои иҷтимоӣ ва иловапулиҳо ба нафақаҳо низ аз нав дида баромада шуданд.

Нисбати фароҳам овардани заминаи ҳуқуқӣ барои ҳамчун илова ба нафақаҳои суғуртавӣ пешбинӣ намудани нафақа барои хизмати шоён дар назди Ҷумҳурии Тоҷикистон зикр кардан лозим аст, ки бо қабули тағйироте, ки ба моддаҳои 8 ва 34-и қонуни мазкур пешниҳод шудааст, имкон пайдо мегардад, ки ин намуди нафақаи давлатӣ ҳамчун илова ба нафақаи таъиншудаи суғуртавӣ муқаррар карда шавад.

Дар хусуси аз байн бардоштани як намуди нафақаи давлатӣ, яъне нафақа барои хизмати дарозмуддат ба хизматчиёни давлатӣ зикр кардан лозим аст, ки воқеан ҳам муқаррароти моддаҳои 35, 36, 37 ва 38-уми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ» ба принсипҳои умумии қонуни мазкур мутобиқ намебошанд. Зеро тибқи муқаррароти қонун таъминоти нафақа (ба истиснои нафақаҳои иҷтимоӣ) бо принсипҳои суғуртавӣ асос ёфтааст, вале таъини нафақа барои хизмати дарозмуддат дар хизмати давлатӣ бо принсипи мутаффиқии насл (яъне, солидарӣ) муқаррар гардида буд ва дар баробари ин, пардохти он то давраи расидан ба синни ниҳоии умумии муқарраршуда ба зиммаи буҷети давлатӣ вогузор буд, ки аз лиҳози иқтисодӣ ва иҷтимоӣ қобили қабул набуд.

Бинобар ин, тасмим гирифта шуд, ки дар марҳилаи аввали татбиқи ислоҳоти соҳа таъминоти нафақаи хизматчиёни давлатӣ низ дар асосҳои умумии пешбинишуда ва мутобиқ ба принсипҳои суғуртавӣ амалӣ карда шавад.

Инчунин дар асоси лоиҳаи қонуни пешниҳодшуда давраи пардохти эҳтимолии нафақаҳо, ки мувофиқи моддаи 22 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ» 240 моҳ ё 20 сол муайян гардида буд, бинобар мутобиқ набудан ба нишондиҳандаҳои демографӣ 120 моҳ ё 10 сол кам карда шуд. Зикр кардан лозим аст, ки меъёри мазкур метавонад бо иваз шудани нишондиҳандаҳои демографӣ ва коэффитсиенти сарбории нафақавӣ тағйир ёбад. Вале дар марҳилаи аввали татбиқи қонуни мазкур 120 моҳ ё 10 сол будани давраи пардохти эҳтимолии нафақа вобаста аз давомнокии умри миёна дар ҷумҳурӣ мувофиқи мақсад мебошад.

Ҷоизи таъкид аст, ки тибқи тағйиру иловаҳои дар лоиҳаи қонуни мазкур пешбинигардида аз 1 январи соли 2013 пардохти ҳама нафақаҳои иҷтимоӣ, нафақа барои хизмати шоён дар назди Ҷумҳурии Тоҷикистон, иловапулиҳо ба нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ ва фарқияти байни андозаи нафақаҳои ҳисобшуда ва андозаи камтарини муайяншудаи суғуртавӣ аз ҳисоби маблағҳои буҷети давлатӣ таъмин карда мешаванд.

Нисбати хароҷоти молиявии лоиҳаи қонуни мазкур зикр кардан лозим аст, ки бо қабули он маблағҳои аз ҳисоби буҷети давлатӣ бе назардошти ин тағйиру иловаҳо барои дар амал татбиқ намудани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ» дар соли 2013 зарурбуда коҳиш меёбад ва ин имкон медиҳад, ки ислоҳоти соҳа дар доираи имкониятҳои молиявии мавҷуда амалӣ карда шавад.

Муҳтарам Раис ва вакилони гиромӣ, бо назардошти он ки лоиҳаи қонуни мазкур бо мақсади танзими масъалаҳои муҳим то давраи мавриди амал қарор гирифтанаш равона шудааст ва қабули он зарур мебошад, эҳтиромона хоҳиш карда мешавад, ки онро ҷонибдорӣ намоед.

**РАИС:** - Аз рӯйи ин масъала сухан ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ, оила ва ҳифзи саломатӣ Муқумова Сабоҳат Аминовна дода мешавад.

**Сабоҳат МУҚУМОВА : - Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилон ва ҳозирини гиромӣ!**



Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ», ки бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст, бо Қарори Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 сентябри соли 2012 таҳти №1446 барои хулоса ба Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ, оила ва ҳифзи саломатӣ, дигар кумитаҳои Маҷлиси намояндагон ва барои додани хулосаи экспертизаи ҳуқуқӣ ба шуъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон фиристода шуда буд.

Ҳамаи кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шуъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи мазкурро дар маҷмуъ дастгирӣ намуда, ҷиҳати такмили он зиёда аз 87 таклифу дархости худро пешниҳод намудаанд, ки баъзеашон қабул ва ё қисман қабул карда шуданд. Танҳо як таклиф қабул нашуд.

Кумитаи масъул, бо назардошти таклифҳои пешниҳодгардида, меъёрҳои дохилии моддаҳои дахлдори Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ»-ро мукаммал намуда, лоиҳаи қонуни мазкурро бо меъёрҳои қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи таъмини нафақаи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи уҳдадории умумии ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ», «Дар бораи ҳифзи иҷтимоии маъюбон», «Дар бораи забони давлатӣ» ва дигар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ намуд.

Бояд зикр намуд, ки дар лоиҳаи қонуни пешниҳодгардида мафҳумҳои «нафақаи заминавӣ», «қисми захиравии нафақа», матни моддаи 8, зербанди е) қисми 2 моддаи 13, қисми 2 моддаи 19, қисми 1 моддаи 26, қисми 2 моддаи 27, сархати сеюми моддаи 28, сархати чоруми қисми 1 моддаи 30, зербанди «а)» қисми 1 ва қисми 2 моддаи 31, қисмҳои 1 ва 2 моддаи 33, моддаи 39 дар таҳрири нав ифода карда шуда, ба моддаи 20 қисми 2, ба моддаи 22 қисми 7, ба моддаи 25 қисми 2, ба моддаи 26 қисми 3 илова карда шудааст. Аз моддаи 7 қисми 3, аз моддаи 20 сархати якуми қисми 1, аз моддаи 24 қисми 2, аз моддаи 25 қисми 1, аз моддаи 26 қисми 2, аз моддаи 27 сархати сеюми қисми 1, аз моддаи 28 сархати чорум, аз моддаи 30 сархати панҷуми қисми 1, аз моддаи 33 қисми 4 ва аз моддаи 34 қисми 2 ва моддаҳои 35, 36, 37, 38 ва ҷумлаи дуюми қисми 4 моддаи 41 қонуни амалкунанда хориҷ карда шудаанд. Инчунин лоиҳаи қонуни пешниҳодгардида як қатор тағйироту иловаҳоро ба моддаҳои дахлдори Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ» пешбинӣ менамояд, аз ҷумла дар тамоми матни қонуни мазкур калимаҳои «саҳмияи» ва «саҳмияҳои» ба калимаи «саҳмҳои» иваз карда шудаанд.

Рӯзи 9 ноябри соли 2012 лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ» дар ҷаласаи васеи Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ, оила ва ҳифзи саломатӣ бо иштироки намояндагони дигар кумитаҳои Маҷлиси намояндагон, шуъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва намояндагони Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди муҳокима қарор гирифта, дар мувофиқа бо субъекти ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ ворид намудани тағйиру иловаҳои зерин зарур шуморида шуд:

Лоиҳаи қонуни мазкур дар натиҷаи мукаммалгардонӣ 33 қисмро дар бар гирифта, бо назардошти тағйироти ба моддаҳои 22, 25 ва 26 қонуни мазкур воридгардида минбаъд андозаҳои нафақаҳои суғуртавӣ аз рӯйи синну сол, маъюбӣ ва маҳрум шудан аз саробон, бо назардошти собиқаи суғуртавии пурра, наметавонанд аз андозаи 100 фоиз ва бо назардошти собиқаи суғуртавии нопурра аз андозаи 70 фоизи нафақаи заминавии муқарраршуда кам бошанд.

Сархати чоруми қисми 1 моддаи 30 дар таҳрири зерин ифода карда шудааст:

«- хизматчиёни ҳарбие, ки хизмати ҳарбиро аз рӯйи даъват адо намудаанд ва мувофиқи қонуни мазкур ҳуқуқи гирифтани нафақаи суғуртавиро надоранд.».

Матни моддаи 39 дар таҳрири нав ифода карда шуда, иловапулиҳоро ба нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ пешбинӣ менамояд.

Моддаи 45 ба моддаҳои 1, 10, 15, 18, 32, 41, 48 ва дигар моддаҳои қонуни амалкунанда мутобиқ карда, дар он калимаи «мақоми» ба калимаи «мақомоти» иваз шудааст.

Ҳамчунин лоиҳаи қонун ба техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ мутобиқ, аз ҷиҳати забонӣ ва услубӣ таҳрир ва мукаммал карда шудааст.

Лоиҳаи қонуни мазкур ба меъёрҳои Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ мебошад. Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ, оила ва ҳифзи саломатӣ аз шумо, вакилони гиромӣ, эҳтиромона хоҳиш менамояд, ки ҷиҳати қабули қонуни мазкур овоз диҳед.

*Лоиҳаи қонун ба овоз монда, қонун қабул шуд. Вобаста бо қабули қонун Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардид.*

Ҷаласаро Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Шукурҷон Зуҳуров ҷамъбаст кард.

***Неъматулло СОЛЕҲОВ,***
***Аъзам МӮСОЕВ,***
***«Садои мардум».***
***Суратгир Аҳлиддин ИСОЕВ***

## ●Вакилони халқ 1938-2010



# ДАЪВАТИ ШАШУМ 1963 - 1967

**(Давомаш. Аввалаш дар шумораҳои гузашта)**



**ШИРИНОВ Мирзоназар**
***Вакил аз ҳавзаи интихоботии Фархор №197, ноҳияи Москва***

Соли 1936 дар деҳаи Вишхарфи ноҳияи Қалъаи Хумб таваллуд ёфтааст. Миллаташ тоҷик, таҳсилоташ миёна.

Фаъолияти меҳнатиашро соли 1952 ҳамчун табелчии Заводи пахтаи ноҳияи Фархор сар кардааст. Соли 1958, баъди адои хизмати ҳарбӣ, челонгари бригадаи истеҳсолӣ, аз соли 1961 сардори бригадаи истеҳсолии Заводи пахтаи Фархор буд.

Бо Ифтихорномаи Раёсати Шӯрои Олии ҶШС Тоҷикистон мукофотонида шудааст.



**РАҲИМОВ Мурод**
***Вакил аз ҳавзаи интихоботии Панҷ №198, ноҳияи Москва***

Соли 1910 дар ноҳияи Восеъ таваллуд ёфтааст. Миллаташ тоҷик.

Раиси артели хоҷагии деҳоти «Сарҳади Сурх»-и ноҳияи Фархор, раиси артели хоҷагии деҳоти «Иттифоқ»-и ҳамин ноҳия буд.

Аз соли 1950 ҳамчун раиси артели хоҷагии деҳоти ба номи Ленини Раёсати истеҳсолии колхозӣ-совхозии Москва кор кардааст.

Бо медалҳои «Барои меҳнати шуҷоатнок», «Барои меҳнати диловарона дар Ҷанги Бузурги Ватании солҳои 1941-1945» мукофотонида шудааст.



**РАҲМОНОВА Иноят**
***Вакил аз ҳавзаи интихоботии Роҳи Ленин №199, ноҳияи Москва***

Соли 1941 дар ноҳияи Москва таваллуд ёфтааст. Миллаташ тоҷик. Аз соли 1955 ҳамчун узви артели хоҷагии деҳоти «Роҳи Ленин»-и Раёсати истеҳсолии колхозӣ-совхозии ноҳияи Москва кор кардааст.



**КАБИРОВА Савсан**
***Вакил аз ҳавзаи интихоботии Сари Чашма №200, ноҳияи Москва***

Соли 1935 дар деҳаи Порвори ноҳияи Москва таваллуд ёфтааст. Миллаташ тоҷик, таҳсилоташ олӣ.

Соли 1959 баъди хатми Институти омӯзгории Кӯлоб ба сифати муаллимаи мактаби «Меҳнат»-и шаҳри Кӯлоб фаъолияти меҳнатиашро оғоз намудааст.

Аз соли 1960 муаллимаи мактаб-интернати «Коммунизм»-и ноҳияи Москва буд.



**ҶАББОРОВ Абдуқаҳор**
***Вакил аз ҳавзаи интихоботии Чубек №201, ноҳияи Москва***

Соли 1914 дар ноҳияи Конибодом таваллуд ёфтааст. Миллаташ тоҷик, таҳсилоташ миёна.

Котиби якуми Кумитаи ноҳиявии комсомол, раиси колхоз, котиби якуми Кумитаи ҳизби коммунисти ноҳия, раиси Комиҷроия, директори МТС, аз соли 1962 раиси Комиҷроияи ноҳияи Фархор ва аз соли 1962 раиси Комиҷроияи Шӯрои ноҳиявии вакилони меҳнаткашони ноҳияи Москва шуда кор кардааст.

Бо орденҳои Байрақи Сурхи Меҳнат, «Нишони Фахрӣ» ва медалҳо мукофотонида шудааст.



**МАЛЛАЕВА Шарифа**
***Вакил аз ҳавзаи интихоботии Шӯрообод №202, ноҳияи Москва***

Соли 1939 дар ноҳияи Москва таваллуд ёфтааст. Миллаташ тоҷик.

Аз соли 1957 ҳамчун узви артели хоҷагии деҳоти ба номи Фрунзеи Раёсати истеҳсолии колхозӣ - совхозии Москва кор кардааст.



**ҲОШИМОВА Махфират**
***Вакил аз ҳавзаи интихоботии Оқтеппа №203, ноҳияи Нов***

Соли 1921 дар ноҳияи Нов таваллуд шудааст. Миллаташ ӯзбек.

Сардори бригадаи пахтакорӣ ва раиси колхози ба номи Калинини ноҳияи Нов буд.

Бо ордени Байрақи Сурхи Меҳнат мукофотонида шудааст.



**КАРИМОВА Махфират**
***Вакил аз ҳавзаи интихоботии Ғулакандоз №204, ноҳияи Нов***

Соли 1923 дар шаҳри Ленинобод таваллуд ёфтааст. Миллаташ тоҷик, таҳсилоташ олӣ.

Директори мактаби миёна, мудири шуъбаи маориф, ҷонишини вазири маорифи халқи ҶШС Тоҷикистон, аз соли 1961 ҷонишини раиси Шӯрои Вазирони ҶШС Тоҷикистон кор кардааст.

Муаллими хизматнишондодаи ҶШС Тоҷикистон. Бо орденҳои Байрақи Сурхи Меҳнат, «Нишони Фахрӣ» ва медалҳо мукофотонида шудааст.



**ҶӮРАЕВА Уғулой**
***Вакил аз ҳавзаи интихоботии Деҳмой №205, ноҳияи Нов***

Соли 1934 дар деҳаи Деҳмойи ноҳияи Нов таваллуд ёфтааст. Миллаташ ӯзбек.

Фаъолияти меҳнатиашро соли 1956 дар колхози ба номи Фрунзеи ноҳияи Нов оғоз кардааст. Аз соли 1960 дар совхози Деҳмой, Раёсати истеҳсолии колхозӣ - совхозии ноҳияи Нов кор кардааст.



**ҲОҶИМУРОДОВА Марҳамат**
***Вакил аз ҳавзаи интихоботии Куркат №206, ноҳияи Нов***

Соли 1940 дар ноҳияи Нов таваллуд ёфтааст. Миллаташ ӯзбек.

Баъд аз хатми мактаби ҳафтсола аз соли 1956 дар артели хоҷагии деҳоти Раёсати истеҳсолии колхозӣ-совхозии «Гулистон» -и ноҳияи Нов кор кардааст.

**(Давомаш дар шумораҳои оянда)**

**Ба диққати хонандагони рӯзнома!**

**Хоҳишмандон метавонанд китоби «Вакилони халқ 1938-2010»-ро аз Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дастрас намоянд. Телефонҳо барои тамос: 221-35-53, 221-96-78.**

● 10 декабр – Рӯзи ҳуқуқи инсон

# ИСТИҚЛОЛИЯТИ ДАВЛАТӢ ВА РУШДИ ҲУҚУҚИ ИНСОН

**10 декабри соли 1948 аз ҷониби Созмони Милали Муттаҳид санади арзишмандтарини таърихи инсоният – Эъломияи умумиҷаҳонии ҳуқуқи башар қабул гардид, ки ба рушди ҳуқуқу озодиҳои инсон, таҳия ва қабули асноди байналмилалӣ дар ин самт асос гузошт. Ба ин хотир рӯзи қабули он ҳамчун Рӯзи ҳуқуқи инсон дар тамоми ҷаҳон, аз ҷумла дар кишвари мо, ҷашн гирифта мешавад.**

Дар Иҷлосияи шонздаҳуми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қарору қонунҳое қабул шуданд, ки ба хомӯш кардани оташи ҷанг, наҷот додани давлату миллат аз бадбахтию парокандагӣ, барқарор кардани фаъолияти ниҳодҳои пурра фалаҷшудаи давлат нигаронида шуда буданд. Дар ин Иҷлосия роҳбарияти нав интихобшудаи давлат омодагии худро барои таъмини сулҳ, сарҷамъии миллат, бунёди давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ иброз доштанд, ки умеди мардумро ба ояндаи беҳтар афзун гардонид.

Бо имзои Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар ҷомеа баҳри таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон иқдомҳои аввалин сурат гирифт.

Арзишмандтарини онҳо қабули Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистони соҳибистиқлол (6 ноябри соли 1994) мебошад. Пас аз қабули Конститутсия дар сатҳи миллӣ риоя, ҳифз ва пешбурди ҳуқуқу озодиҳои инсон ба масъалаи муҳими давлатӣ табдил ёфта, онҳо дар таҳия ва қабули қонунҳо ва фаъолияти сохторҳои давлатии сатҳи гуногун таҷассум мегардиданд.

Бо мақсади ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти давлатӣ дар раванди риоя, ҳифз, ҳимоя ва эҳтироми ҳуқуқу озодиҳои инсон ва амалисозии уҳдадориҳои байналмилалии Тоҷикистон Комиссияи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба татбиқи ҳуқуқи байналмилалии башардӯстӣ, Комиссияи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таъмини уҳдадориҳои байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон (соли 2002), Комиссияи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳуқуқи кӯдак (соли 2001), Комиссияи байниидоравии мубориза ба муқобили хариду фурӯши одамон (соли 2005) таъсис шуданд.

Аксарияти кулли санадҳои байналмилалии соҳаи ҳуқуқи инсон, аз ҷумла Паймони байналмилалӣ доир ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ (соли 1999), Паймони байналмилалӣ доир ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ (соли 1999), Конвенсияи байналмилалӣ дар бораи барҳам додани тамоми шаклҳои табъизи нажодӣ (соли 1995), Конвенсия дар бораи барҳам додани тамоми шаклҳои табъиз нисбати занон (соли1993), Конвенсияи зидди шиканҷа ва дигар намудҳои муносибат ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф (соли 1995), Конвенсия оид ба ҳуқуқи кӯдак (соли1993), Конвенсияи байналмилалӣ дар бораи ҳимояи ҳуқуқи ҳамаи коргарони муҳоҷир ва аъзои оилаҳои онҳо (соли 2002) ва ғайра ба тасвиб расиданд.

Тавассути батасвибрасонии санадҳои байналмилалӣ ва эътирофи онҳо ба ҳайси қисми таркибии низоми ҳуқуқӣ Тоҷикистон ба саҳнаи байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон ворид гардид. Аз соли 2000-ум сар карда, Ҷумҳурии Тоҷикистон 12 маротиба оид ба иҷрои ин санадҳои байналмилалӣ маърӯзаҳои миллии худро дар сохторҳои дахлдори СММ ҳимоя кард.

Моҳи октябри соли 2011 маротибаи аввал Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Шӯро оид ба ҳуқуқи инсони СММ аз расмиёти шарҳи умумии даврӣ гузашт. Мутобиқи ин расмиёт, ҳар як давлат - аъзои СММ дар ҳар чор сол як маротиба доир ба вазъи тамоми ҳуқуқу озодиҳои инсон дар кишварҳояшон ҳисобот медиҳанд ва аз ҷониби онҳо барои беҳтар кардани вазъи ҳуқуқи инсон ва бартараф кардани монеаҳо дар ин самт тавсияҳо пешниҳод мегарданд. Ҳамзамон ин давлатҳо пас аз чор сол оид ба иҷрои онҳо ҳисоботи навбатии худро манзур менамоянд.

Мавриди зикр аст, ки дар бораи татбиқи санадҳои байналмилалии зикршуда дар ҷумҳурӣ баробари маърӯзаҳои миллӣ, ҳамчунин аз ҷониби ташкилотҳои ғайридавлатӣ, ки дар Тоҷикистон фаъолият мекунанд, ба сохторҳои дахлдори СММ маърӯзаҳои алтернативӣ пешниҳод шудаанд, ки аз ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон далолат мекунанд. Алҳол дар ҷумҳурӣ қариб 50 ташкилоти ғайридавлатӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон амал мекунанд. Онҳо аз рӯйи баъзе намудҳои ҳуқуқи инсон ва оид ба иҷрои конвенсияҳои дар боло зикршуда иттиҳодияҳо таъсис додаанд. Ташкилотҳои ғайридавлатӣ таври алоҳида ва дар доираи иттиҳодияҳо дар пешбурд ва ҳифзи ҳуқуқи инсон, хусусан дар таҳияи маърӯзаҳо ба сохторҳои СММ, гузаронидани мониторингҳо, семинару конфронсҳои сатҳи ҷумҳуриявӣ, минтақавӣ ва байналмилалӣ саҳм мегузоранд.

Иртибот бо расмиёти махсуси СММ таҳким меёбад, аз ҷумла солҳои охир ба Ҷумҳурии Тоҷикистон 3 нафар маърӯзачиёни махсуси СММ оид ба гумшавии маҷбурӣ ё ғайриихтиёрии одамон (соли 2011), оид ба ҳуқуқ ба саломатӣ (соли 2012) ва оид ба масъалаҳои шиканҷа (соли 2012) ташриф овардаанд.

Имрӯз шаҳрвандони ҷумҳурӣ метавонанд на танҳо аз воситаҳои миллии ҳифзи ҳуқуқи инсон, балки байналмилалӣ, хусусан дар доираи ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ низ истифода намоянд, чунки Тоҷикистон Протоколи иловагии Паймони байналмилалӣ доир ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсиро соли 1999 ба тасвиб расонидааст. Аз соли 2000 то 1 майи соли 2011 аз ин восита 29 шаҳрванди Тоҷикистон истифода кардаанд. Аз рӯйи 29 муроҷиати дар Кумита оид ба ҳуқуқи инсони СММ бақайдгирифташуда ба 22 муроҷиат хулосаҳои Кумитаи мазкур ба Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шудааст. Айни ҳол дар ҷумҳурӣ барои таъсис додани механизми иҷрои хулосаҳои сохторҳои дахлдори СММ гурӯҳи кории ҳукуматӣ ба кор оғоз намудааст.

Муколама байни Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Комиссияи Аврупо, ИМА ва Швейтсария оид ба ҳуқуқи инсон, ки ҳамасола баргузор мегарданд, низ барои бартараф кардани мушкилоти дар ин самт ҷойдошта мусоидат менамоянд.

Ҳамаи ин тадбирҳо ба вазъи ҳуқуқу озодиҳои инсон дар ҷумҳурӣ таъсири мусбӣ расонидааст. Ҳуқуқ ба ҳаёт дар сатри аввали ҳамаи ҳуқуқҳои асосии инсон қарор дорад. Аз 30 апрели соли 2004 инҷониб дар Тоҷикистон ба иҷрои ҳукми қатл мораторий эълон гардида, аз 15 майи соли 2004 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи боздоштани ҷазои қатл дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба имзо расонида шуд. Оид ба мавҷудияти минбаъдаи ҷазои қатл дар низоми қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2010 гурӯҳи кории ҳукуматӣ ба фаъолият пардохт. Ҷиҳати пурзӯр кардани мубориза бо шиканҷа соли 2012 дар қонунгузории ҷиноятии миллӣ моддаи алоҳида пешбинӣ гардида, барои беҳтар кардани вазъи ҳуқуқ ба ибрози ақида ва озодии сухан аз Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррарот дар бораи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои туҳмат ва таҳқир бардошта шудааст.

Аз ҷониби Давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба таҳкими воситаҳои миллии ҳифзи ҳуқуқи инсон тадбирҳои муассир андешида мешаванд.

Дар ҷумҳурӣ соли 2009 таъсис додани мақомоти махсус дар соҳаи ҳуқуқи инсон - Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки фаъолияти он воситаҳои мавҷудаи ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро пурра менамояд, аз қабили чунин тадбирҳо мебошад.

Мақомоти мазкур вазифадоранд, ки ба риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, барқарор намудани ҳуқуқу озодиҳои вайроншудаи онҳо, такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳуқуқу озодиҳои инсон, баланд бардоштани маърифатнокии шаҳрвандон оид ба ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, шаклҳо ва воситаҳои ҳифзи он дар ҳамкорӣ бо мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва ташкилотҳои ғайридавлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шарикони байналмилалӣ мусоидат намоянд.

Дар ҳама ин самтҳо мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон талош дорад бо назардошти Принсипҳои Париж, ки соли 1991 қабул шудаанд, яъне мустақил, дастрас, салоҳиятнок ва бидуни табъиз амал карда, ба шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд, ки ба ин мақомот муроҷиат менамоянд, кӯмаки ҳуқуқӣ ва амалӣ расонад.

Дар чор моҳи соли 2009 ва соли 2010 дар мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 1543 муроҷиат, аз ҷумла 444 муроҷиати хаттӣ ва 1099 муроҷиати шифоҳӣ, ба қайд гирифта шуд ва дар нуҳ моҳи соли 2012 ин рақамҳо мутаносибан 419,208 ва 211 ададро ташкил медиҳанд. Солҳои 2009- 2010 ба 114 санади меъёрии ҳуқуқӣ, аз ҷумла 85 лоиҳаи қонун, соли 2011 ба 91 санади меъёрии ҳуқуқӣ, аз ҷумла 71 лоиҳаи қонун, дар шаш моҳи соли 2012 ба 27 санади меъёрии ҳуқуқӣ хулосаҳои мақомот пешниҳод шудаанд.

Соли 2010 як муассисаи нимпӯшида, соли 2011-ум 11 муассисаи пӯшида, қисман пӯшида ва хона - интернатҳо ва дар шаш моҳи соли 2012 беш аз 13 чунин муассисаҳо мавриди омӯзиши мақомот қарор ёфта, ҷиҳати бартараф кардани камбудиҳои ошкоршуда ба вазорату идораҳои дахлдор гузоришҳо пешниҳод гардиданд.

Ба наздикӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи таҳиянамудаи мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон -Барномаи таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон барои солҳои 2013 - 2020 тасдиқ гардид, ки тибқи он тамоми табақаҳои аҳолии ҷумҳурӣ ба омӯзиши масъалаҳои ҳуқуқи инсон фаро гирифта мешаванд.

Ҳамкориҳои мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон бо мақомоти давлатӣ ва ташкилотҳои ғайридавлатӣ, созмонҳои минтақавӣ ва байналмилалӣ сол аз сол тақвият меёбад. Давоми шаш моҳаи аввали соли 2012-ум 11 семинари ҷумҳуриявӣ, аз ҷумла 2 конфронси байналмилалӣ, гузаронида шуд.

Мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон эътибор ва нуфузи минтақавӣ ва байналилалии худро рӯз то рӯз мустаҳкам менамояд. Рӯзҳои 12-13 октябри соли 2011 гузаронидани семинари минтақавии ваколатдорон оид ба ҳуқуқи инсони Осиёи Марказӣ дар мавзӯи «Мутобиқати мақомоти миллӣ оид ба ҳуқуқи инсон ба Принсипҳои Париж ва нақши онҳо дар пешгирии шиканҷа дар Осиёи Марказӣ», моҳи октябри соли 2012 баргузории Конфронси минтақавии омбудсменҳои Осиёи Марказӣ ва Федератсияи Россия дар мавзӯи «Воситаҳои самараноки ҳифзи ҳуқуқи муҳоҷирони меҳнатӣ: нақши омбудсменҳои Осиёи Марказӣ ва Федератсияи Россия» ва ноябри соли 2012 Ҷаласаи дуюми роҳбарони мақомоти зиддикоррупсионӣ ва омбудсменҳои кишварҳои аъзои Созмони ҳамкориҳои иқтисодӣ (ЭКО) гувоҳи гуфтаҳои болоанд. Бар замми ин, мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2011 аввалин шуда дар Осиёи Марказӣ ба гирифтани мақоми «В», ки аз ҷониби Кумитаи байналмилалии ҳамоҳангсозии муассисаҳои миллии ҳифзи ҳуқуқи инсон дода мешаванд, ноил гардидааст.

Ҳамчунин бояд зикр кард, ки ҷиҳати амалисозии салоҳияти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ва баланд бардоштани нақши он дар мусоидат ба ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон дар минтақаҳо қабулгоҳҳои ҷамъиятии Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон таъсис шудаанд. Айни замон чунин қабулгоҳҳо дар шаҳрҳои Хуҷанд, Қӯрғонтеппа, Кӯлоб, Хоруғ, Турсунзода, Роғун, ноҳияҳои Айнӣ ва Рашт амал менамоянд. Қароргоҳи марказии Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар шаҳри Душанбе ва қабулгоҳҳои мазкур ҳамеша омодаанд, ки ба шаҳрвандони ҷумҳурӣ дар ҳалли мушкилоташон оид ба ҳуқуқи инсон кӯмаки ҳуқуқӣ ва амалӣ расонанд.

Бо рушди ҳамаҷонибаи кишвар вазъи ҳуқуқу озодиҳои инсон боз ҳам беҳтар мегардад, зеро онҳо ба ҳамдигар алоқаманд ва ҷудонашавандаанд.

***Сафаралӣ ҒУЛОМОВ,***
***роҳбари Дастгоҳи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон***

● Қайдҳои сафар

# ДАР САРЗАМИНИ БЕЛАРУС

Бо даъвати Вазорати маорифи Ҷумҳурии Беларус барои иштирок дар Мизи мудаввари байналмилалӣ «Оид ба таъмини сифати таҳсилоти томактабӣ ва шаклҳои гуногуни ташкили он дар деҳот» ба ин кишвар сафари хизматӣ доштем.

Мизи мудаввар аз шиносоӣ бо кори муассисаҳои томактабӣ ва мактаби деҳаи Александрияи ноҳияи Шклови вилояти Могилёв оғоз гардид. Деҳаи мазкур зодгоҳ ва макони таҳсили аввалин Президенти Ҷумҳурии Беларус Александр Григориевич Лукашенко буда, дар мактаби деҳа,ки ӯ солҳои 1961-71 таҳсил намудааст, осорхонаи «Роҳи пуршарафи тайнамудаи Президенти аввалини Беларус» таъсис шудааст. Дар осорхона китоби «Подвиг Эмомали Рахмона», ки дар бораи корнамойиҳои Президенти Ҷумҳурии Точикистон Эмомалӣ Раҳмон нақл менамояд (муаллифон Ато Ҳамдам ва Леонид Чигрин), бо забони белорусӣ ва ҳамчунин расмҳо аз сафари Президенти Ҷумҳурии Беларус ба Ҷумҳурии Точикистон, вохӯриҳояш дар Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавҷуд аст, ки онро мактабиён ва роҳбарияти осорхонаву мактаб бо камоли мамнунӣ пазируфтанд.



Ба хонандагони мактаб, омӯзгорон, иштирокчиёни чорабинӣ, меҳмонон аз ҷумҳуриҳои Украина, Туркманистон, Беларус ва Федератсияи Россия дар бораи сулҳу ваҳдати тоҷикон, пешрафти Тоҷикистон, фаъолияти парламенти кишвар маълумоти мухтасар ва ба саволҳои зиёди онҳо посухҳои муфассал дода шуд.

Ноҳияи Шклов, ки мизи мудаввар он ҷо сурат гирифт, таърихи ғанӣ дошта, дар соҳили дарёи Днепр ҷойгир шудааст. Ин макон дар таърих ҳанӯз аз асри X маълум буда, аввалин ёддоштҳои хаттӣ дар бораи он ба соли 1518 рост меояд.

Солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ ба муқобили фашистон дар ин шаҳр намояндагони халқу миллатҳои гуногун, аз ҷумла тоҷикон, ҷангидаанд, ки аз миёни онҳо 25 нафар унвони Қаҳрамони Иттифоқи Советиро ҳангоми убури дарёи Днепр гирифтанд. Ду ҳазору ҳафтсад нафар бошанд, бо ордену медалҳо мукофотонида шуданд. Дар шаҳр ёдгориҳои зиёд ба хотири ёдбуди шаҳидон, ғалаба дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ гузошта шудааст. Дар лавҳаҳои хотиравии қабристони ҷанговарони бародар номи 8500 халокшудагони Ҷанги Бузурги Ватанӣ сабт шудааст. Он солҳо 18 деҳа тамоман, 108 деҳа қисман нобуд ё сӯзонида шуда, 2000 нафар аҳолии осоишта парронда шудааст. Сари ҳар қадам дарк мегардад, ки мардуми ин кишвар таърих ва рӯҳи қаҳрамононро таври ҳаққонӣ ва арзанда пос медоранд.

Қисми расмии Мизи мудаввар дар қасри фарҳанги ноҳияи Шклов, бо иштироки роҳбарияти Вазорати маорифи Ҷумҳурии Беларус, намояндагони муассисаҳои томактабии ҳамаи вилоятҳои он, меҳмонони хориҷӣ ифтитоҳ гардид. Дар ин ҷамъомад ман дар мавзӯи «Таҳсилоти томактабӣ ва шаклҳои ташкилии он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» суханронӣ намудам.

Баъди поёни Мизи мудаввар ҳам дар вилояти Могилёв ва ҳам дар шаҳри Минск бо фаъолияти даҳҳо муассисаҳои соҳаи маориф шинос шуда, таҷрибаи онҳоро омӯхтем. Боиси зикр аст, ки муассисаҳои таълимии Беларус бо мизу курсӣ, воситаҳои аёнӣ, ашёву анҷом ва дигар воситаҳои дар худи ҷумҳурӣ истеҳсолшуда таъмин шудаанд.

Махсусан барои таҳсили маъюбон муассисаҳои замонавии ҷиҳозонидашуда фаъолият менамоянд. Барои мисол, дар нуҳ ноҳияи шаҳри Минск 10 муассисаи махсуси таълимӣ барои бачагони шунавоию биноияшон суст, ки ҳама шароит доранд, фаъолият менамоянд. Мутахассисон барои ин муасисаҳо дар институти педагогии шаҳри Минск омода мегарданд. Боиси таваҷҷуҳ аст, ки аксари омӯзгорони ин муассисаҳоро кадрҳои ҷавон ташкил менамоянд.

Дар Ҷумҳурии Беларус ҷалби кӯдакони 3-6 сола ба муассисаҳои томактабӣ – 93,3 фоиз, дар шаҳри Минск -98,4 фоиз ва дар вилояти Могилёв -94,8 фоизро ташкил медиҳад, ки боиси омӯзиш аст.

Аз рӯйи натиҷаи Мизи мудаввар баёния «Оид ба таъмини сифати таҳсилоти томактабӣ ва шаклҳои гуногуни ташкили он дар деҳот» қабул гардида, бо роҳбарияти идораи маорифи вилояти Могилёв ва Вазорати маорифи Ҷумҳурии Беларус вохӯриҳои пурмаҳсул баргузор гардид. Роҳбарияти Вазорати маорифи Ҷумҳурии Беларус ба ҳамкориҳо бо Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳои баланд дода, зикр намуд, ки дар Ҷумҳурии Беларус 50 нафар донишҷӯён ва аспирантҳои тоҷик дар риштаҳои гуногун таҳсил доранд.

Тӯли сафар дар шаҳри Минск бо намояндагони донишҷӯёни тоҷик вохӯрӣ анҷом дода, ба таҳсили онҳо марок зоҳир намудем.

Рафти сафар нишон дод, ки Ҷумҳурии Беларусия дар соҳаи маориф ба комёбиҳои назаррас ноил гардида, низоми рушдкунандаи маорифро соҳиб шудааст. Дар соҳаи таҳсилоти томактабӣ заминаи комили ҳуқуқӣ бунёд гардидааст. Ин таҷриба боиси таваҷҷуҳ ва омӯзиш буда, аз ҷониби мо дар баррасии лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таълиму тарбияи томактабӣ» мавриди истифода ва омӯзиш қарор хоҳад гирифт.

Боздид аз мамнуъгоҳи адабии Шоири халқии Беларус Янка Купаларо як навъ ҷамъбасти таассуроти хеш номем, хато нахоҳем кард, зеро ҳаёт ва фаъолияти фоҷиабори ин шоири шаҳир бозгӯйи таърих ва роҳи тайнамудаи ин миллати ҷафокашида дар тӯли таърих мебошад.

Роҳбалад бо шавқ ва ифтихор аз ҳаёти шоир нақл мекард ва ҳамзамон иброз дошт, ки мардуми ин кишвар бо умеди пешрафт ва саодати хеш сарбаландона, шарафмандонаву бовиқорона Ватанро обод месозанд.

Ҳамчунин зимни бозгашт дар шаҳри Москва имкон доштем бо муҳоҷирони тоҷик ва ҳамватанонамон дар ин шаҳр мулоқот анҷом диҳем. Дар ин вохӯриҳо сухан дар бораи вазъи имрӯзаи кишвар, фаъолияти қонунгузории Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои қабулгардида рафта, ба суолҳои додашуда ҷавоб гардонидем.

***Нурулло ОҚИЛОВ,***
***вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон***

# Ваҳдат: иҷтимоиёту фарҳанг рушд меёбад

Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Ваҳдат тайи панҷ соли охир бо мақсади беҳдошти соҳаи иҷтимоиёту фарҳанг, бахусус бобати таълим ва тарбияи насли аз ҷиҳати маънавӣ ва ҷисмонӣ солим кори зиёдро амалӣ намуд. Тӯли ин давра бо мақсади баланд бардоштани савияи дониши хонандагон дар мактабҳои шаҳру деҳот дарсҳо ва машғулиятҳои иловагӣ, ҳафтаҳои фаннӣ ташкил гардид. Бо ҳамин мақсад Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри бораи Барномаи давлатии сохтмон, таъмиру азнавсозӣ, аз хонаҳои шахсӣ, вагон ва биноҳои маъмуриву ҷамъиятӣ баровардани муассисаҳои таҳсилоти умумӣ» бомаром ҷараён дорад. Дар соли таҳсили 2011-2012 бо дастгирӣ ва маблағгузории Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Ваҳдат ба муассисаҳои таълимӣ 4 ҳазор ҷуфт барои 8 ҳазор ҷойи нишаст мизу курсӣ харидорӣ гардид. Бинои гимназияи хонандагони лаёқатманди ба номи Балъамӣ бо маблағи 1 миллиону 102 ҳазору 339 сомонӣ азнавсозӣ шуд. Дар ин давра боми бинои мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумии №139, №8, №4, литсейи ба номи Темур Собиров, Маркази эҷодии кӯдакону наврасон, кӯдакистони №1, дар маҷмуъ 23 мактабу 3 боғча ба маблағи аз 30 ҳазор сомонӣ то 380 ҳазор сомонӣ таъмиру азнавсозӣ шуд.

Ваҳдат соли 2012-ро Соли маориф эълон дошт. Дар Соли маориф бунёду азнавсозӣ ва таъмиру тармими як қатор муассисаҳои таълимӣ, боғчаҳои бачагона ба нақша гирифта, ҷиҳати сари вақт анҷом додани онҳо кори зиёд анҷом дода шуд. Ҳамчунин, дар Соли маориф бо мақсади ҳавасмандгардонии омӯзгорону мураббияҳо озмунҳои «Муаллими беҳтарини сол» ва «Мураббии беҳтарини сол» баргузор гардид, ки натиҷаи он дар Шӯрои омӯзгорон ҷамъбаст ва ғолибон бо туҳфаҳои арзишманди Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Ваҳдат сарфароз гардонида шуданд.

Натиҷаи ин буд, ки соли 2012 шумораи зиёди хонандагони муассисаҳои таълимӣ дар озмунҳои ҷумҳуриявию байналмилалӣ иштирок карда, сазовори диплому сертификат гардиданд. Аз ҷумла дар ин давра 55 нафар хонандагони муассисаҳои таълимӣ дар озмунҳои ҷумҳуриявию байналмилалӣ ва 235 нафар дар олимпиадаи фосилавӣ иштирок карда, соҳиби 18 медали тилло, 5 медали нуқра, 5 медали биринҷӣ ва диплому сертификати зиёд гардиданд.

Дар озмунҳои минтақавии фаннии мактаббачагон 170 нафар хонандагон иштирок намуда, аз ин ҷумла 22 нафар сазовори ҷойи якум, 27 нафар сазовори ҷойи дуюм ва 36 нафар сазовори ҷойи сеюм гардида, дар маҷмуъ 85 нафар хонандагон ғолиб дониста шуданд, ки нисбат ба ҳамин даври соли гузашта 44 нафар зиёд мебошад.

Дар шаҳри Ваҳдат ба рафти иҷрои Барномаҳо, Консепсияҳо ва Стратегияҳо низ диққати ҷиддӣ дода мешавад. Аз ҷумла айни ҳол барои мактаббачагон 1103 адад компютер дастрас карда шуд, ки 74 фоизи нишондоди Барномаи компютеркунониро ташкил менамояд.

Рафти иҷрои Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар

Шоистаи таҳсин аст, ки дар ин давра бо ташаббус ва маблағгузории Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Ваҳдат дар ҳаёти фарҳангии сокинони диёр падидаҳои неку хотирмон низ арзи ҳастӣ кард. Ба таъмиру азнавсозӣ фаро гирифта шудани Маркази фарҳангӣ, бинои гимназияи хонандагони лаёқатманди ба номи Балъамӣ, боғчаи «Лола», истироҳатгоҳи «Ҳамсафар», муҷаҳҳаз гардонидани осорхонаи шаҳрӣ аз ҷумлаи он накукориҳост.

Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Ваҳдат ҷиҳати иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ҳифзи саломатии аҳолӣ» ва Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Стратегияи миллии солимии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2020», иҷрои дигар Барномаҳои давлатию соҳавӣ, аҳамияти ҷиддӣ додан ба масъалаҳои афзалиятноки нигаҳдории тандурустӣ, ба мисли роҳҳои пешгирии бемориҳои сирояткунанда, ташаккули тарзи ҳаёти солим, танзими оила ва солимии репродуктивӣ, омодасозии ҷавонон-наврасон ба хизмат дар сафи Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, зери назорати доимӣ қарор додани ҳолати хизматрасонии тиббӣ ба модарону кӯдакон, иштирокчиёну маъюбони Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва шахсони ба онҳо баробаркардашуда чораҳои зарурӣ меандешад.

***Исломи НИЁЗ***




## Нақши ҷавонон дар таҳкими сулҳу субот

**ДУШАНБЕ .( Фирӯза ҲАБИБУЛЛОЕВА, «Садои мардум»)** Дар Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон конфронси илмӣ- амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи «Нақши ҷавонон дар таҳкими сулҳу субот» баргузор гардид.

Ҳадафи баргузории ҷамъомад таҳкиму такмили сиёсати давлатии ҷавонон, муайян кардани нақши ҷавонон дар равандҳои сиёсиву иҷтимоӣ ва роҳу усулҳои баланд бардоштани дониши онҳо дар маъракаҳои сиёсӣ мебошад. Дар кори конфронс намояндагони Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва намояндагони мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру вилоятҳо, роҳбарони ташкилотҳои ҷамъиятӣ иштирок доштанд.

## Кишти тирамоҳӣ идома дорад

**ҚУМСАНГИР. (Давлат СУЛТОНОВ, «Садои мардум»)** Кишоварзони ноҳияи Қумсангир соли равон дар майдони 250 гектар кишти пиёз гузарониданд, ки нисбат ба соли гузашта 10 гектар зиёд мебошад. Бо ин мақсад ҳоло кишти пиёз идома дорад. Соли гузашта деҳқонон аз маҳсули заҳмати худ зиёда аз се ҳазор тонна пиёзро ба хориҷи мамлакат содирот намуда буданд. Онҳо ҳамчунин дар майдони 300 гектар гандуми тирамоҳӣ кишт карданд, ки нисбат ба соли 2011 –ум 50 гектар зиёд аст.

## Синфхонаҳои иловагӣ барои хонандагон

**МИР САЙИД АЛИИ ҲАМАДОНӢ. (Темуршоҳи ФАЙЗАЛӢ, «Садои мардум»)** Бо маблағгузории Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон дар назди мактаби таҳсилоти миёнаи умумии рақами 27- и деҳаи Советободи Ҷамоати деҳоти «Турдиев» - и ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ бо харҷи 635 ҳазор сомонӣ ҳашт синфхонаи нави иловагӣ сохта, ба ихтиёри толибилмон вогузор карда шуд.

- Мақсад дорем, ки ба наздикӣ бинои хобгоҳи омӯзишгоҳи касбӣ-техникии ноҳияро низ мавриди истифода қарор диҳем,- гуфт мудири шуъбаи маорифи ноҳия Алишер Исоев.

## Толори нави варзишӣ ба истифода дода шуд

**БОБОҶОН ҒАФУРОВ. (Ҳусейни НАЗРУЛЛО, «Садои мардум»)** Дар деҳоти «Ҳайдар Усмон»-и ноҳияи Бобоҷон Ғафуров сохтмони толори варзишии мактаби таҳсилоти миёнаи умумии рақами 23 ба итмом расид. Барои бунёди ин иншоот аз ҳисоби мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳия ва соҳибкорон зиёда аз як миллион сомонӣ сарф гардидааст. Толори варзишӣ дорои 150 ҷойи нишаст буда, ба таври замонавӣ сохта шудааст.

## Радиои нав ба фаъолият шурӯъ намуд

**ИСФАРА. (Ҳусейни НАЗРУЛЛО, «Садои мардум»)** Дар шаҳри Исфара радиои нави «Исфара» бо пахши санҷишии гуфторҳо ба кор шурӯъ кард.

Радио бо таҷҳизоти навтарин муҷаҳҳаз гардидааст ва шунавандагон аз гуфторҳои он ба воситаи радиоҳои нақлиёти автомобилӣ, телефонҳои мобилӣ ва ҳатто радиоҳои оддии истеҳсоли давлати Хитой ба осонӣ бархӯрдор шуда метавонанд. Бино ба гуфтаи муассис ва роҳбари радио Саҳбон Қурбонов, таъсиси ин радиои муосир бо кӯмаку дастгирии раиси шаҳри Исфара Раҳмоналӣ Амиров сурат гирифтааст. Дар ин кори хайр ҳамчунин сарвари «Ширкати сохтмонии Исфара» Ҳусейнхӯҷа Нуриддинов саҳми босазо дорад.

## Иқдоми соҳибкор

**МУЪМИНОБОД. (Н. ҲАСАНОВ)** Ҳафт сол боз Садриддин Муҳиддинов раиси хоҷагии «Шаҳрак»- и ноҳияи Муъминобод аст. Дар ин давра ӯ ба беш аз 100 оилаи камбизоат ёрии моддӣ расонидааст. Ба қарибӣ, бо иқдоми ӯ ба мактабҳои №15 ва 53 ба андозаи 100 метри мукааб ҳезум дастрас гардид. Акнун хонандагони ин таълимгоҳҳо фасли зимистонро дар синфхонаҳои гарм паси сар хоҳанд кард.

## Ҷавонон ба кор ҷалб мешаванд

**ФАЙЗОБОД. ( М. ҲОМИДОВ)** Бо ташаббуси Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ноҳияи Файзобод курси якмоҳаи омӯзиши алоқаи компютерӣ ва телефонӣ ташкил шуд. Ба курс зиёда аз 35 нафар ҷавононе, ки дар деҳот бекор буданд, ҷалб гардиданд. Дарсҳои назариявию амалиро кормандони Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шуъбаи алоқаи ноҳия мегузаронанд.

Тавре ки сардори Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Бег Зуҳурув иброз дошт, баъди анҷоми курси омӯзишӣ ҷавонон соҳиби сертификат шуда, ба корхонаву идораҳо, мактабҳои ноҳия ва ҷумҳурӣ ба кор равон карда мешаванд.

## «Сухан» ба суханвар

**ДУШАНБЕ. (М. РУСТАМЗОДА, «Садои мардум»)** Дар толори Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон ҷашни камолоти нависанда Бароталӣ Абдураҳмонов - барандаи Ҷоизаи давлатии ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ баргузор гадид, ки дар он доираи васеи донишмандону адибон ва ҳаводорони илму адаб ширкат варзиданд.

Хонандаи соҳибзавқ Бароталӣ Абдураҳмоновро қабл аз ҳама бо асари баландмазмуни таърихии ӯ- «Куруши Кабир» мешиносад.

Б. Абдураҳмонов аз ҷумлаи он адибонест, ки мавзуъҳои мураккаби таърихиро ҳадафи эҷоди худ қарор додааст.

Дар чорабинӣ раиси Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон Меҳмон Бахтӣ, донишмандон Акбари Турсун, Нурмуҳаммади Амиршоҳӣ, Нависандаи халқии Тоҷикистон Абдулҳамид Самадов, шоирони халқии Тоҷикистон Муъмин Қаноат, Ҳақназар Ғоиб, Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон Рустам Дулоев суханронӣ карда, оид ба паҳлуҳои гуногуни эҷодиёти навиcанда ибрози назар карданд.

Раиси Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон Меҳмон Бахтӣ ба соҳибҷашн нишони «Сухан» - ро тақдим намуд.

## Аз чемпионати ҷаҳон бо медали тилло баргашт

**КӮЛОБ. ( Темуршоҳи ФАЙЗАЛӢ, «Садои мардум»)** Собиқ хизматчии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, полковники мустаъфӣ Хайрулло Назриев дар Чемпионати ҷаҳон оид ба гӯштии тарзи дзюдо, ки байни собиқадорони ин шакли варзиш дар иёлати Маямии ИМА баргузор гардид, дар вазни 100 кило сазовори ҷойи сеюм ва дар вазни мутлақ унвони чемпиони ҷаҳонро мушарраф гардида, соҳиби медали тилло шуд.

- Ман варзишгари касбӣ нестам, вале ба варзиш, бахусус дар риштаи гӯштии тарзи дзюдо, аз наврасӣ шуғл дорам. Солҳои гуногун дар мусобиқаҳои дохилию байналмилалӣ иштирок карда, ба гирифтани ҷойҳои ифтихорӣ шарафёб гашта будам. Дар чемпионати ҷаҳон миёни собиқадорони синни 50-54 сола дар Амрико, дар ду шакли гӯштии тарзи дзюдо ҳашт маротиба рӯйи гилем баромадам. Дар натиҷа, ду дафъа Парчами Тоҷикистони азиз партавафшон гардид,- гуфт ба хабарнигорон зимни истиқбол дар даромадгоҳи шаҳри бостонии Кӯлоб Хайрулло Назриев.

***Масъули гӯша Ф. ҲАБИБУЛЛОЕВА,«Садои мардум».***
***Бо мо дар тамос бошед. Телефон: 238-58-91***

# ДИЛҲО МУСАХХАР АЗ «ШОМИ МЕҲР»

**«Фарҳанг дар ҷомеаи башарӣ яке аз воситаҳои муҳими тарбия ва баланд бардоштани сатҳи маърифати мардум, бахусус ҷавонон, ба ҳисоб рафта, метавонад дар ташаккули арзишҳои ахлоқиву маънавии ҷомеа нақши калидӣ дошта бошад»,- омадааст дар Паёми имсолаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.**



Дар ҳақиқат маҳз фарҳанг метавонад фазои холимондаро дар ҷомеа пур кунад ва имконият надиҳад, ки ашхоси алоҳида пой ба пайроҳаи гумроҳӣ зананд.

Тибқи Нақшаи чорабиниҳои Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Рашт дар соли 2012 барои гузаронидани озмуни «Шоми меҳр» дар байни ташкилоту муассисаҳои ноҳия аз 9 июли соли 2012 таҳти №890 қарори раиси ноҳия ба тасвиб расид.

Дар асоси Низомнома иштирокчиёни озмун тамоми дастовардҳои худро ба маърази тамошо гузоштанд. Дар ноҳияи Рашт ҳунармандони ҳунарҳои бадеӣ-халқӣ хеле бисёранд. Дар ҳар деҳа ба чанд тани онҳо воҳӯрдан мумкин аст, вале имконият надоранд, ки ҳунари худро барои дигарон пешкаш кунанд. Маҳз озмуни «Шоми меҳр» барои онҳо шароит фароҳам овард.

…Солҳои охир бо сабабҳои маълум сокинони ноҳия то ҷое аз санъат дур шуда буданд. Аҳён-аҳён дар маъракаҳои хурсандӣ санъаткоронро даъват менамуданд. Натиҷаи ҳамин буд, ки дигар ҳунармандон низ ба касби дӯстдоштаашон машғул намешуданд, шогирдонро тарбия намекарданд. Водие, ки қарнҳои пешин соҳибмактаб буд, дар ду даҳсолаи охир умуман хеле камҳавсала гардид. Замоне номи хунёгарони номдор Ҳоҷӣ Абдулазиз, Акашариф Ҷӯраев, Муддин Бадриддинов, Тоҳир Каримов, Иброҳим Кобулиев, Худойдоди Шулдурӣ, Зафар Нозимов, Зулфиқаҳхор Исмоилов, Усмони Ҳоитӣ, Хосияти Фарғонагӣ, Саймуддин Бурҳонов, Фозил Шарифов, Аврод Бурҳонов, Қумрӣ Қодирова ва даҳҳо нафари дигар на танҳо дар ҷумҳурии худамон, балки берун аз он ҳам маъруф буданд, аммо мардум дигар намехостанд дар тӯю сурашон садои дилошӯби мусиқӣ ба гӯш бирасад. Дар ноҳияи Рашт маъракаҳои тӯю худойӣ аз ҳам тафовут надошт. Ин масъалаи доғи рӯз буд…

Соли 2011 раиси ноҳияи Рашт Сайидумрон Абдураҳмонов дар баробари вохӯриҳои пайваста бо сокинони деҳаҳои хурду калон, ба кор даровардани фишангҳои кори мақомоти худидора, ташкил намудани кор дар тамоми соҳаҳои хоҷагии халқ, тартиб додани нақшаи чорабиниҳо бо мақсади аз байн бурдани мушкилоти хурду бузург ва боз садҳо масъалаҳои дигар, ба масъалаи тарбияи маърифатии мардум диққати ҷиддӣ дод. Натиҷаи чораҳои андешида буд, ки соли равон сатҳи фарҳангии сокинони ноҳия хеле боло рафт.

Озмуни «Шоми меҳр» на танҳо риштаҳои гусастаи меҳру муҳаббатро дубора ба ҳам пайваст, балки барои дарёфти чеҳраҳои нав, ҷалби васеи сокинони ноҳия ба фарҳанг низ хизмати арзанда кард. Барои амалӣ гардидани озмун фаъолони ноҳия сахми сазовор гузоштанд. Аз ҷумла раисони ҷамоатҳои шаҳраку деҳот, роҳбарони шуъбаи маориф, омӯзишгоҳи тиббӣ, шуъбаи тандурустӣ, омӯзишгоҳи омӯзгорӣ ва филиали Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ на танҳо кори зиёди таблиғотиро ба роҳ монданд, балки фаъолтарин ширкаткунандагони озмуни «Шоми меҳр» буданд. Чорабинии мазкур дар ҷамоатҳои шаҳраку деҳоти Ғарм, Ҳиҷборак, Раҳимзода, Ҷафр, Ясман, Оби меҳнат, Қалъанак, Тагоба, Нусратулло Махсум, Қалъаи сурх ва ташкилоту муассисаҳои дар боло ёдшуда дар сатҳи баланд гузаронида шуд. Иштирокчиёни озмун баробар ба мазраи намоиш гузоштани дастовардҳои худ тӯли 20 сол гӯшаҳои гуногунро низ пешкаши тамошобинон намуданд ва гӯшаи «Аз таърихи деҳоти мо» яке аз беҳтаринҳо буд.

Раиси Ҷамоати деҳоти Ҷафр Абдураззоқ Саломов дар суҳбат гуфт, ки озмуни мазкур моро водор намуд, пеш аз ҳама таърихи ташкилшавии деҳотамонро омӯзем, оид ба зиндагиномаи шахсони маъруф, ки дар ҳудуди деҳоти мо зиндагӣ кардаанд, маълумоти саҳеҳ ба даст оварем. Дар натиҷа, маълумоти зиёде пайдо шуд, ки кайҳо инҷониб мо онҳоро ба оғӯши фаромӯшӣ дода будем.



Бахшида ба ҷашни бистумин солгарди Иҷлосияи таърихии XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон озмуни «Шоми меҳр» ҷамъбаст гардид. Ҷойи аввалро фарҳангиёни деҳоти дурдасти ноҳия - Ҳиҷборак ишғол намуданд. Ҷойи дуюм насиби ҳунарварони шаҳраки Ғарм ва ҷойи сеюм насиби ҳунарварони деҳоти Боқӣ Раҳимзода шуд. Рӯзи 23 ноябр ҳунармандон гулчини барномаи худро дар маркази ноҳия, дар қасри фарҳанги ба номи Ҳоҷӣ Абдулазиз пешкаши тамошобинон гардониданд. Ба ин барнома тамошобинон ва мутахассисон баҳои баланд доданд. Раиси ноҳия ба 36 нафар санъаткоре, ки дар озмун холи баланд гирифта буданд, туҳфаҳои хотиравӣ супорид.

Ҳамин тариқ, озмуни «Шоми меҳр» дар ноҳияи Рашт барои расидан ба ҳадафҳо хизмат кард ва дигарон низ метавонанд ин таҷрибаро истифода баранд. Маҳз чунин чорабиниҳо имконият фароҳам меоваранд, ки мо ба ҷалби оммавии аҳолӣ ба фарҳанг ва амалӣ намудани сиёсати фарҳангии Президенти мамлакатамон комёб гардем.

Бо вуҷуди дастовардҳо, дар ҷараёни озмун як қатор камбудӣ ба назар расид. Аз ҷумла мехостам атрофи сару либоси суннатӣ чанд ҳарф бигӯям. Мо ҳангоми намоиши ҳунарҳои мардумӣ ва сару либоси миллӣ намунаи куртаҳои занони Рашт, ки солҳои пешин бо номи куртаи гулдӯзӣ хеле шуҳрат дошт, дида натавонистем. Ҳатто тоқии гулдӯзии раштӣ низ ягон-ягон ба чашм мехӯрд. Ҳол он ки ба куртаи ғарқи гули арӯсони раштӣ ҳанӯз сайёҳони хориҷии 200 сол пеш ба водиомада хеле баҳои баланд дода буданд. Хуб мебуд, ки ин ҳунарҳо дубора эҳё мешуд ва мисли занону духтарони ҳунарвари кӯлобӣ занону духтарони Рашт низ мероси гузаштагони худро соҳибӣ мекарданд.

**ДАР СУРАТҲО:** **иштирокчиёни барномаи гулчини озмун ҳунарнамоӣ доранд.**

*Диловари МИРЗО*
*Суратгир М. РИЗВОНОВ*

Духтури Беморхонаи маркази ноҳияи Муъминобод Сайдамир Розиқовро дерест, ки дар деҳоти «Деҳбаланд» ҳамчун як фарди ҳалиму хоксор мешиносанд. С. Розиқов аз зумраи он табибоне ҳаст, ки тамоми ҳастии худро ба хизмати мардум бахшидааст.

## АРЗИ МИННАТДОРӢ

Дар деҳоти мазкур оилае нест, ки аз хизмати С. Розиқов баҳравар нагардида бошад. Барои ин инсони комил, духтури асил вақту соат ва реҷаи корӣ вуҷуд надорад.

Ҳаргиз корафтодаеро ноумед насохтааст. Яке аз фазилатҳои беҳтарини С. Розиқов дар фаъолияти кориаш бе тамаъ ба корафтодагон дасти ёрӣ дароз кардан аст. Файзу баракати зиндагӣ ва обруйи касбиро бо меҳнати ҳалол дарёфтааст.

С. Розиқов ҷамоатчии хуб ҳам аст. Ба ҳама шодию мусибати мардум шарик аст. Кош сафи чунин инсонҳо зиёд мебуд.

Мо - аҳли деҳаи Сармайдон аз ҳиммату ғайрати ин шахси ҳалим умре сипосгузорем. Ба ӯ тани сиҳат, хонаободӣ, сарбаландӣ ва барори кор мехоҳем.

*Аслам САФАРОВ,*
*ноҳияи Муъминобод*

## Обуна ба маҷаллаи
## «АХБОРИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН» БАРОИ СОЛИ 2013 ДАВОМ ДОРАД

**«Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» моҳе як маротиба бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ ба табъ мерасад.**

**«Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз се фасл иборат аст:**

**- дар фасли I қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қарорҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон;**

**- дар фасли II шартнома ва созишномаҳои байналмилалӣ, қарорҳои Суди конститутсионӣ;**

**- дар фасли III қарорҳои шӯроҳои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп мешаванд.**

**Нархи обунаи солонаи маҷалла, бе назардошти хизматрасонии КВД «Почтаи Тоҷик», 144 сомониро ташкил мекунад.**


## *ВЕНОРМ- Малҳам ва хурӯшаҳо бар зидди варикоз*




Садҳо миллион одамон аз бемориҳои варикозӣ азият мекашанд ва ду фоизи онҳо маъюб мешаванд.

Дардмандон барои табобати варикоз давоҳои синтетикиро истифода мебаранд. Ин воситаҳои синтетикӣ як қатор таъсири манфӣ доранд. Ба ғайр аз он, ин воситаҳоро бо дигар комплексҳои синтетикӣ истифода бояд бурд, то ин ки таъсири он бештар шавад.

Ширкати илмию истеҳсолии «Биолит»-и Россия дар шакли хурӯшаҳо барои истеъмоли дарунӣ ва дар шакли малҳам барои истеъмоли берунӣ, воситаи нодири баландтаъсир- ВЕНОРМ-ро коркард намудааст, ки ҳангоми истифодабарии он дигар дорувориҳои комплексӣ истифодааш лозим намешавад.

*ВЕНОРМ воситаи самараноке барои истифода ҳангоми бемории варикоз, тромбофлебит ва бавосир (геморрой)-и бардавом дар ҳама марҳилаҳои он мебошад-(барои истифода бурдани геморой 1 қошуқча - 3 бор).

* Барои ба меъёр даровардани гардиши шарёнии хун мусоидат мекунад, хавфи суддабандиро дар гиреҳҳои варикозӣ коҳиш медиҳад.

* Эҳсоси вазниниро рафъ месозад, хастагии пойҳоро аз байн мебарад ва намуди зоҳирии пӯстро беҳ мегардонад.

* Ба онҳое, ки касбашон бо сарбории калон ба пойҳо ва камҳаракатӣ вобаста аст, ба ҳомиладорон ва ғайра тавсия мешавад.

*Аз халалёбии гардиши хун ҳангоми диабет (бемории қанд) шифо мебахшад.

Таъсири ВЕНОРМ дар сурати истеъмоли ҳамзамони доначаҳо ва малҳам меафзояд, чунки дар ин ду шакл ҷавҳарҳои гиёҳҳое махсус ҷамъ оварда шудаанд, ки комплексҳои табобатиро дар бар мегиранд.

Барои гирифторони бемории қанд глюкоза бо сорбит иваз карда шудааст.

**Тавсияҳои умумӣ:**
-кам кардани вазн;
-даст кашидан аз қабули ваннаҳои ҷӯш;
-пӯшидани пойафзоли пошнаҳояшон пасттар аз 3-4 см;
-бастани бинтҳои эластикӣ (танҳо хобида ё нишаста пой дароз карда бинтпеч кунед, ба ҳеҷ сурат рост истода не).
Маҳсулот дорои сертификат мебошад.

| Восита | Муддати истеъмол | Тартиби истеъмол |
|---|---|---|
| Венорм-хурӯшаҳо | 4 ҳафта, 45 рӯз фосила, сипас давраи табобатӣ такрор карда мешавад | Дар як рӯз се бор 1-қошуқчагӣ |
| Венорм-малҳам | Ҳамзамон бо хурӯшаҳои Венорм | Дар як рӯз ду бор ба ҷойҳои бемор молидан лозим |

**Натиҷаҳои аввалин аллакай баъди ду ҳафтаи истеъмол аён мешаванд.**

**Тарзи фурӯш:** бе дорухати духтур метавонед харидорӣ намоед.

**Тел: ш. Душанбе 918-47-93-93, вилояти Суғд ва ноҳияҳои он 985-33-33-17.**
**Аз дорухонаҳои шаҳр дастрас намоед.**


# Гуфтугӯ китоб шуд

Рӯзномаи «Садои мардум» дар шумораҳои рӯзҳои 25 ва 27 июли соли ҷорӣ таҳти №95 ва №96 чопшуда гуфтугӯйи пурмуҳтавои президенти Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон Мамадшо Илолов ва директори Институти забон, адабиёт, шарқшиносӣ ва мероси хаттии ба номи А. Рӯдакӣ Акбар Турсуновро дар ҳошияи Паёму суханрониҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон муфассал ба табъ расонида буд. Инак, матни ин суҳбат, ки аҳамияти илмӣ ва оммавӣ дорад, ба шакли китобчаи алоҳида бо номи « Давлат бе илм намешавад» дар нашриёти «ЭР-граф» чоп шуд.

****

## «Дасти одам- гул»

Бо ҳамин ном КВД КТН «Шарқи озод» китоберо аз хусуси бунёдкориҳои як нафар мутахассиси варзидаи соҳаи мелиоратсия ва хоҷагии об, Корманди шоистаи Тоҷикистон, номзади илмҳои техникӣ Исмат Эшмирзоев чоп намуд. Андеша ва хотираҳои дӯстону ҳамсафон, собиқ ҳамкорон ва ҳамсабақон дар бораи шахсият ва хислатҳои хоси ин марди шариф ӯро барои оммаи васеи хонандагон муаррифӣ менамояд. Муаллифи китоб - рӯзноманигор Ҳотами Ҳомид буда, он зери назари директори Агентии сохтмон ва меъмории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Абдувалӣ Комилов ба табъ расидааст.

****

## Кулчаҳои маънавии адиб

Маҷмуаи нави ҳикояҳои адиби хушсалиқа Абдурауф Муродиро таҳти унвони «Як танӯр кулча» Муассисаи нашриявии «Адиб» ба табъ расонд. Муаллиф китоби худро ҳамчун армуғон ба ҷашни 20 – солагии Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тақдим намудааст. Нависанда бо интихоби мавзуъҳои марбути ҳаёти толибилмон ва умуман олами рангоранги бачаҳо кӯшидааст, ки насли наврасро дар рӯҳияи баланди ифтихор аз миллату ватандорӣ, ахлоқи ҳамидаи инсонӣ, илму ҳунаромӯзӣ, накукорӣ тарбия намояд. Китобчаро тасвири манзараҳои зебои диёр ҳусни дигар бахшидааст.

*Б. КАРИМЗОДА, «Садои мардум»*

****

# Китобҳои нав

## «Хотираҳо» - и Ҳошим Гадо

Чанде пеш китоби нави устоди саҳнаи тоҷик Ҳошим Гадо бо номи «Хотираҳо» аз чоп баромад, ки қисмати XV асарҳои ӯро ташкил медиҳад. «Хотираҳо» маҳсули фаъолияту таҷрибаи бисёрсолаи чеҳраи шинохтаи санъати театру кинои тоҷик, барои насли ҷавони соҳа адабиёти хуби таълимии бо услуби амиқ эҷодгардида маҳсуб меёбад.

Дар китоб роҷеъ ба тарзу усулҳои аз болои худ кор кардани ҳунарпешаи оянда, азёд кардани матн ва суханронӣ, ҳаракатҳо дар доираи нақш, худро дар саҳна нигоҳ доштан таври соддаю муфассал нақл карда шудааст.

Ҳамчунин аз китоб ба саволи «Сирри муваффақиятҳои Ҳошим Гадо ҳамчун як актёр» низ ҷавоби қаноатбахш меёбед.

*Мирзо НУРАЛИЕВ, «Садои мардум»*


# «КРАСНЫЙ КОРЕНЬ» - (СУРХРЕША)




СУРХРЕША (КРАСНЫЙ КОРЕНЬ) номи мардумии рустании камёфтест, ки дар баландкӯҳҳо мерӯяд. Дар бораи он ки ин гиёҳ чӣ тавр қувваи мардиро зиёд мекунад, нақли зиёд паҳн шудааст.

СУРХРЕША (КРАСНЫЙ КОРЕНЬ) ба беҳшавии гардиши хун, кушодаву рафъ шудани қарораҳо дар ғадуди простата, эҳёи фаъолнокии ҷинсии мардона мусоидат мекунад.

Аденома, ки ба «дили мард» - ғадуди простата зарба мерасонад, дар марҳалаи ибтидоӣ хатарнок нест ва агар сари вақт табобати онро бо СУРХРЕША кунед, инкишофашро пешгирӣ мекунад.

СУРХРЕША (КРАСНЫЙ КОРЕНЬ) барои пурра холӣ шудани пешобдон мусоидат менамояд, зудии пешобкуниро кам месозад, хусусан шабона.

СУРХРЕША (КРАСНЫЙ КОРЕНЬ) – гиёҳи шифоии босамар бо таъсири нарму мулоим ба барқароршавии фаъолияти ҷинсии мардон такон медиҳад.

Тарзи истеъмол: рӯзе ду бор ба зери забон 10-20 чакра чаконда, истеъмол намоед. Давраи истеъмол – 1 моҳ.

СУРХРЕША (КРАСНЫЙ КОРЕНЬ) дар таркибаш спирт ва қанд надорад, бинобар ин назар ба маҳсулоти дигар истеҳсолкунандагон барои ашхоси гирифтор ба як қатор бемориҳо, аз қабили диабет, атеросклероз, фарбеҳӣ ва ғайра зарар надорад.

Телефонҳо барои тамос: **918-47-93-93**, Саховат: **909- 88-89-65**, Қарияи боло: **985- 99-85-66**, вилояти Суғд ва шаҳру ноҳияҳои он: **927 - 49-33- 47**.

**Аз дорухонаҳо пурсон шавед.**


## БЮЛЛЕТЕНИ ХАРИДИ ДАВЛАТӢ

### БА ТАВАҶҶУҲИ МОЛРАСОНОНУ ПУДРАТЧИЁН!

# Даъватномаи иштирок дар озмуни харид

Комиссияҳои муштараки озмуни хариди **Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон** (минбаъд – мақомоти Ваколатдор, суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Шота Руставели 22, тел: 221-47-03, 223-11-80) ва ташкилотҳои Харидор довталабони салоҳиятдорро барои иштирок дар озмунҳои хариди номгӯйи зерини мол, кор ва хизматрасонӣ, ки дар як давр гузаронида мешаванд, даъват менамоянд:

| № ДИО | Ташкилоти Харидор | Ному насаб ва телефони шахси масъул | Предмети харид | Воҳиди ченак | Миқдор | Сана ва вақти кушодани лифофаҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 3439/1-1679 | Сарраёсати Қӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Ҷ. Ятимов 227-66-60 | Маводи хӯрока | номгуй | 4 | 20.12.2012 соати $9^{00}$ |
| 3440/1-1680 | Муассисаи нақлиётии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон | Ҷ. Ятимов 227-66-60 | Қисмҳои эҳтиётӣ | маълумоти иловагӣ пешниҳод карда мешавад | | 20.12.2012 соати $9^{30}$ |
| 3441/1-1681 | Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон | Ҷ. Ятимов 227-66-60 | Молҳои гуногун | номгуй | 4 | 20.12.2012 соати $10^{00}$ |
| 3442/1-1682 | Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон | Ҷ. Ятимов 227-66-60 | Молҳои гуногун | номгуй | 10 | 20.12.2012 соати $10^{30}$ |
| 3443/1-1683 | Сарраёсати Қӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Ҷ. Ятимов 227-66-60 | Доруворӣ | номгуй | 116 | 20.12.2012 соати $11^{00}$ |
| 3444/1-1684 | Кумитаи давлатии заминсозӣ ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Ҷ. Ятимов 227-66-60 | Молҳои гуногун | номгуй | 8 | 20.12.2012 соати $11^{30}$ |
| 3447/1-1685 | Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Ҷ. Ятимов 227-66-60 | Бензини АИ-92 | литр | 4200 | 20.12.2012 соати $14^{00}$ |
| 3445/3-797 | Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино | Х.Исмоилов 227-04-75 | Чопи китобҳои дарсӣ | тибқи санади нуқсонӣ | | 20.12.2012 соати $9^{00}$ |
| 3346/3-798 | Муассисаи давлатии «Маркази миллии тестӣ» | Х.Исмоилов 227-04-75 | Таъмири филиали минтақавии Марказ | тибқи санади нуқсонӣ | | 20.12.2012 соати $9^{30}$ |

1. Довталабон барои гирифтани ҳуҷҷатҳои тендерӣ ва маълумоти иловагӣ дар бораи тендер метавонанд ба мақомоти Ваколатдор ба суроғаи дар боло зикршуда муроҷиат намоянд.
2. Довталабоне, ки хоҳиши дар озмун иштирок кардан доранд, баъди супоридани ҳаққи бебозгашт, ҳуҷҷатҳои тендерии худро дар лифофаҳои муҳркардашуда, ба суроғаи дар боло зикршуда то вақти дар сутуни **«Сана ва вақти кушодани лифофаҳо»** муайяншуда пешниҳод намоянд. Муҳлати муқарраршуда муҳлатест, ки баъди анҷоми вақт аз довталабон пешниҳодот қабул карда намешавад.
3. Лифофаҳо бо пешниҳодоти довталабон аз ҷониби комиссияҳои муштарак, тибқи тартиби муқарраргардида, кушода мешаванд. Намояндагони довталабон ҳуқуқ доранд, ки дар раванди озмун иштирок намоянд.

## ТАСҲЕҲ

Дар Даъватномаи иштироки озмун таҳти №3436/3-794, ки дар рӯзномаи «Садои мардум» 8 декабри соли 2012 таҳти №149 (2976) нашр шудааст, сана ва вақти кушодани лифофаҳо ба ҷойи 29 декабри соли 2012, 14 декабри соли 2012 хонда шавад.

***

Дар даъватномаҳои иштироки озмун таҳти №3347/3-773, 3348/3-774, 3361/3-776, 3362/3-777, 3363/3-778, 3364/3-779, 3370/3-781, ки дар рӯзномаи «Садои мардум» аз 4 декабри соли 2012 таҳти №148 (2975) нашр шудаанд, сана ва вақти кушодани лифофаҳо ба ҷойи 25 декабри соли 2012, 17 декабри соли 2012 хонда шаванд.


# Малҳами «ЧИСТОТЕЛ»




**Гиёҳи навчидаи «Чистотел»**
дардро таскин медиҳад ва захмҳоро шифо мебахшад.

**ТАЪСИР - ба ҳама гуна намуди варамҳои безарари пайдошуда дар пӯст, озах, папиломаҳо, эгземаҳо** (*малҳамро бо чӯбчаи гӯгирд ба ҷойи осебдида молед. Давомнокии истифода: дар рӯю бадан 8-10 дақиқа. Боқимондаи малҳамро бо салфеткаи нам пок карда гиред*);

**- пучакҳо, панаритсийҳо** *(ним қошуқчаи малҳамро дар 100 мл. об ҳал карда, тампони докагиро ба он тар кунед ва ба ҷойи бемор монед);*

**- герпес, псориаз** *(малҳамро рӯзе 3-4 бор ба ҷойи осебдида молед);*

**- хоришак ва сили пӯст** (ду қошуқ малҳамро ба ванна резед ва хуб омехта кунед).

Бартарии малҳами (бальзам) «ЧИСТОТЕЛ» аз ЧИСТОТЕЛИ спиртӣ дар он аст, ки баъди истифода ягон доғе дар ҷисми одамӣ боқӣ намемонад.

Аз дорухонаҳо пурсед. Телефон дар вилояти Суғд ва шаҳру ноҳияҳои он: **927-49-33-47, 988-80-88-85.**

Шакли истеҳсол: ҷавҳар – 20 мл. дар лӯлача. Истеҳсолкунанда - Федератсияи Россия.


# ЭЪТИБОР НАДОРАД

➢Дипломи серияи Я № 772986-и гумшуда, ки онро Институти давлатии педагогии шаҳри Ленинобод ба номи С.М.Киров соли 1976 ба Тоштемуров Абдутолиб додааст, эътибор надорад.

➢Номаи камоли Т-ШТУ №163886-и гумшуда, ки онро мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №22-и ноҳияи Ҳисор 20 июни соли 1994 ба Носиров Амонулло Ниёзович додааст, эътибор надорад.

➢Дипломи В №1823-91-и гумшуда, ки онро ОКТ №7-и шаҳри Душанбе соли 1994 ба Нуралиев Раҷабалӣ Маҳмадалиевич додааст, эътибор надорад.

➢Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии №0001521 бо РЯМ 0330000129-и гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе 13 июли соли 2009 ба Қутбудинов Ҳақназар додааст, эътибор надорад.

# Барҳам мехӯрад

Шаҳрванд Амонов Ҳамидулло Файзуллоевич, ки соҳиби Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии № 0197674 бо РЯМ 0130050214 мебошад ва онро Нозироти андози ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе 19 августи соли 2011 додааст, фаъолияти соҳибкориашро қатъ менамояд.

**Кормандони Иттиҳодияи ҷумҳуриявии «Тоҷикколхозсохтмон» аз вафоти собиқ вазири сохтмони деҳоти Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**ҒАФУРОВ РАҲИМҶОН ҒАФУРОВИЧ**
**андӯҳгин буда, ба наздикон ва пайвандони марҳум сабри ҷамил хоҳонанд.**

**Кумитаи замини ноҳияи Муъминобод бинобар марги фоҷиавии кормандони Кумита**
**ОДИНАЕВ ҲОШИМ ва ЗОИРОВ ШОДӢ**
**сахт андӯҳгин буда, ба аҳли оила, хешу табор, ҳамкорон таъзия баён мекунад.**


Конститутсия-кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волояти қонун
Садои МАРДУМ

САРМУҲАРРИР
Ҷумъахон НАБОТОВ

«САДОИ МАРДУМ» - ба забони тоҷикӣ. Муассис - Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод», хиёбони Саъдии Шерозӣ 16, чоп шудааст.

ИНДЕКСИ ОБУНА - 68852

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ: Неъматулло Солеҳов, Абдулмаҷид Муродов, Аъзам Мӯсоев, Тилло Неккадамов, Далер Мерганов, Бурҳониддин Каримов

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз шаш саҳифаи дуинтервалӣ зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пас гардонида намешавад.

НИШОНИИ МО: ш.Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ 16. ТЕЛЕФОНҲО: қабулгоҳ - 238-53-71; Сармуҳаррир -238-56-03, факс- 221-36-04; муовини якум, роҳбари шабакаи мухбирони махсус- 238-53-56; муовин - 238-54-52; котиби масъул - 238-59-32; муҳаррири шуъбаи иқтисодиёт ва иҷтимоиёт - 238-58-95; муҳаррири шуъбаи сохтори давлатӣ, қонунгузорӣ ва тартиботи ҳуқуқӣ - 238-52-97; шуъбаи маънавиёт, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва низоми кор - 238-58-93; муҳаррири шуъбаи номаҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеа - 238-58-91; муҳосиб - 238-53-49; шуъбаи эълон -238-54-57; мухбирони махсус дар Хуҷанд - 91-700-48-02, ВМКБ - 93-592-70-46, Қӯрғонтеппа - 91-931-11-61, Кӯлоб - 95-166-90-72, Истаравшан 2-61-08. ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО: *sadoimardum@yandex.ru*

*Рӯзномаи «Садои мардум» 29 октябри соли 2010 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 0005/рз*

*Ба чопаш 10 декабри соли 2012, соати 17.20 иҷозат дода шуд. Адади нашр 23759 нусха*

*Навбатдори шумора Ҳабибуллоева Ф.*

*Тарроҳони компютерӣ* И. Самохин ва Н. Исмоилова